ШИРИНШО ШОҲТЕМУР – ЧЕҲРАИ МУАССИРИ ТАЪРИХ с.7
ҚАҲРАМОНИИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ТЕРРОРИ МАСКАВ с.2
“ҲАБС”-И 2,5 ҲАЗОР МОШИН ДАР АМБОРИ ГУМРУК с. 9

ТОҶИКИСТОН
№12-13 (1576), 20.03.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто аст!
Оғози нашр соли 1992



## ДАР ИН ШУМОРА:

**ҲАҶ-2024**
Аз эълони нарх то ҷазо барои қонуншиканӣ с.6

**СУҒД**
Аз 10 то 15 ҳазори раиси вилоятро кӣ мегирад? с.2

**ТЕРРОР ДАР РУСИЯ**
Боздошти гумонбарон ва паёми муборизаи муштарак? с.3

**НОМ БА НОМ**
Гумонбарони террори Маскав кистанд? с.4

**ИНСОФ НАМОНД**
Болоравии нархҳо дар Рамазон с.5

**ОФАТИ СЕЛ**
Ба кадом ноҳия чӣ миқдор зарар расонид? с.6

**АҲРОР МУХТОРОВ**
Аввалин Ғафуровшиноси тоҷик с.13

**КАНЗИ ШИФО**
Сирри солимӣ дар Рамазон с.12

# АЗ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРӢ ТО ШИКАСТИ ДЕВОРИ ХУРОФОТ

Мусоҳиба бо Сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Валид ибни Абдурраҳмон ар-Рушайдон



**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфунксионалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
– ширкати сохтмонӣ –
*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

# ОЗМУН. АЗ 5 ТО 10 ҲАЗОР БАРОИ ГРАНТИ РАИСИ ВИЛОЯТИ СУҒД

**Барои гирифтани гранти раиси вилояти Суғд озмун эълон шуд.**

Бино ба иттилои мақомоти вилояти Суғд, грантҳои раиси вилоят ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорие занони ҳунарманд ва эҷодкор пешбинӣ шудаанд.

**Грантро танҳо сокинони вилояти Суғд бо пешниҳоди лоиҳаҳо мегиранд. Андозаи грант чунин аст:**

- *15 грант дар ҳаҷми 10000 сомонӣ;*
- *15 грант дар ҳаҷми 8000 сомонӣ;*
- *30 грант дар ҳаҷми 5000 сомонӣ.*

Муҳлати пешниҳоди лоиҳа барои гирифтани грант ба мақомоти вилояти Суғд аз 1-уми апрел то 31-уми майи соли 2024 пешбинӣ шудааст.

# АФЗОИШИ ТАВАЛЛУД ДАР ХАТЛОН

**Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон давоми ду моҳи соли 2024-ум 14 ҳазору 111 кӯдак таваллуд шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 852 таваллуд зиёд аст.**

Дар ин бора директори Маркази солими репродуктивии вилояти Хатлон Гулбахор Зарифова хабар медиҳад. Гуфта мешавад, ки соли 2023-юм дар вилояти Хатлон 13 ҳазору 259 таваллуд ба қайд гирифта шуда буд. Ба иттилои Зарифова, дар ин давра фавти модарон ҳангоми таваллуд кам гардида, давоми ду моҳ 4 ҳолати фавти модар ба қайд гирифта шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 ҳолат кам мебошад.

# 17 ҲАЗОР БАРОИ БИЛЕТИ ҲАРБӢ

**Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон аз боздошти як корманди Комиссариати ҳарбии шаҳри Ҳисор хабар медиҳад.**

Гуфта мешавад, ки Каримов Б. - сардори зершуъбаи молия ва хоҷагидории комиссариати ҳарбӣ дар ҳамкорӣ бо Салимов Н. - корманди Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор аз шаҳрванд Ф. Амиров барои ба рӯйхати даъватшавандагоне, ки хидмати пулакӣ мекунанд, ворид кардан 17 ҳазор сомонӣ талаб карда, зимни гирифтани 9 ҳазор сомонӣ боздошт шудааст.

Агентӣ нисбат ба боздоштшудагон барои қаллобӣ (моддаи 247, қисми 2, бандҳои «б, в, г») парвандаи ҷиноятӣ боз карда, тафтишоти пешакӣ идома дорад. Ин банди қонунгузорӣ ҷарима аз 365 то 912 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (як нишондиҳанда 72 сомонӣ аст) ё аз ду то панҷ соли зиндон пешбинӣ мекунад.

# ФИЛМИ МУСТАНАД ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**Дар бораи тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба пиряххои Тоҷикистон филми мустанад ба навор гирифта мешавад.**

Филми мазкур фарогири вазъи иқлим ва обшавии пиряхҳои Тоҷикистон дар 60 соли охир мебошад. Одина Маҳмад, коргардони филм мегӯяд, ки гурӯҳи корӣ алакай фаъолиятро аз моҳи январи соли равон шуруъ кардааст. Бино ба маълумоти охир, аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи охир 100 пирях пурра аз байн рафтааст.

Ёдовар мешавем, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" аз ҷонби СММ қатънома қабул гардидааст.



# БУНАФШОҲ ЭРКИНОВ

## қаҳрамони тоҷик писар дар терори Маскав

**Дар пасманзари амалиёти террорстӣ дар маҷмааи "Крокус Сити Холл" дар наздикии Москва расонаҳои Русия аз қаҳрамонии Бунафшоҳ Эркинов ном ҷавони тоҷик менависанд, ки ба осебдидагони ҳамла кумак намудааст.**

Ин ҷавони 17-солаи тоҷик дар меҳмонхонаи "Аквариум"-и Маскав пешхидмат аст. Ҳангоми ҳамла ба Крокус Сити Холл даҳҳо нафар ба ин меҳмонхона паноҳ бурдаанд.

Меҳмонхонаи "Аквариум"аз Крокус Сити Холл дар масофаи 300 метр дур ҷойгир аст. Бунафшоҳ ба осебдидагон кумаки аввалияи тиббӣ расонидааст.

Баъд аз он, ки кормандони мақомот ба меҳмонхона омада, дастури хориҷ шудан аз биноро медиҳанд, Бунафшоҳ дар он ҷо бо як бемор танҳо мемонад. Ӯ гуфтааст, ки натавонист нафари маҷруҳро танҳо гузорад.

Ин нафар баъди соати 20 аз Крокус гурехта, ба меҳмонхона паноҳ мебарад ва баъди об пурсидан беҳуш шуда, ба замин меафтад. Бунафшоҳ мебинад, ки пушти он мард ҷароҳат бардоштааст. Вай захмро тоза карда, то расидани ёрии таъҷилӣ аз назди бемор дур намешавад.

Бунафшоҳ сокини шаҳри Конибодом буда, дар Маскав кор мекунад.

# САРИ САБЗ



Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**- Мо камбуди равған, орд, меваҷот надорем, ҳама анборҳо пур аз ин неъматҳост. Ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи моводи мавриди ниёзи аввал ва дигар маҳсулот, умуман сӯиистифода аз моҳи муборaки Рамазон гуноҳи азим буда, пайомадҳои нохуш низ дорад.**

*- Ана аз ҳамин неъматҳои фаровон пардаи чашми савдогарон равған мегирад-дия! То чашмашон кушода шудаву нархро ба таври сунъӣ поён мефароранд, моҳи Рамазон мегузарад.*



Раҷабалӣ ИСМАТУЛЛОЕВ, рӯзноманигори собиқадор

**- Номи дуюмам "бачаи раис" буд. Вале миёни ману ҳамсолонам ҳеҷ тафовут набуд. Навбати пода мерафтам. Дар мавсими чобуки пахта ва ягона кардани он бисёр фаъол будам. Вақти захираи хӯрок барои чорво ва коҳҷамъкунӣ мерафтам. Эркагӣ намекардам.**

*- Хуш ба ҳолатон, устод! Натиҷаи ҳамон хоксорист, ки эҳтироматонро ба ҷо меоранд. Ҳоло, бинед, "бачаи раис" як тараф, ҳатто бачаҳои мардуми оддӣ ҳам аз даруни телефонҳо "сар берун намекунанд".*



Ҳафиз СОҚИБЕКОВ, варзишгари ҳунарҳои размии омехта

**- Дар ибтидо ба ман Конор МакГрегор илҳом мебахшид. Ҳоло ҳудам ба ҳештан ангеза медиҳам, яъне худро мушоҳида мекунам, ки чӣ гуна рушд мекунам, чӣ гуна мубориза мебарам ва дар куҷо қарор дорам. Аз сӯйи дигар, ман амалан тамоми размикоронро меписандам.**

*- Маълум мешавад, ки акнун кӣ будани худ ва мардуми тоҷикро дарк карда истодаед. Амалан, бидуни муболиға, Конор МакГрегор худаш кист? Ӯҳам як одам аст ку!*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо ҷоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА: 221-00-84, 227-19-95 tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16 238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61 ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО 918-66-82-64, 221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР: 33 000 нусха.

# ТЕРРОР ДАР РУСИЯ

## Боздошти гумонбарон ва паёми муборизаи муштарак

Дар як амалиёти пурмуваффақияти амниятӣ чор нафар террористҳое, ки дар "Крокус Сити Холл", яке аз марказҳои муҳими фарҳангӣ ва тиҷоратии Москва мусаллаҳ буданд, тавассути нерӯҳои ФСБ дастгир шуданд. Ин хабар, ки аз сӯи манобеи расмӣ пахш шудааст, таъкид мекунад, ки нақшаи террористӣ бо диққати зиёд нақшабандӣ шуда буд ва террористҳо пас аз анҷоми амалияти гузар аз марзи Русия ба Украинаро доштанд.

Бо вуҷуди тадбирҳои шадиди амниятӣ ва ҳушдорҳои пешакӣ, ин гурӯҳи террористӣ тавонистаанд барои муддате пинҳон шаванд. Вале, ташаккули засади нерӯҳои амниятӣ дар як қисми беодами роҳ нақшаҳои онҳоро барбод дод. Террористҳо дар натиҷаи як амалиёти шабона, бе хунрезӣ ва бо дарназардошти амнияти ҳамагонӣ, зинда дастгир шуданд.

Чор нафари дастгиршуда - Мирзоев, С. Раҷабализода, Ш. Фаридун ва М. Файзов шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд. Маводи видеоии мансуб ба амалиёти дастгирӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин афрод аз тарс ва ваҳм зери фишор қарор гирифтаанд. Яке аз онҳо дар байни суҳбат гуфт, ки барои "пул" одамонро куштааст.

Дар пайи дастгиршавӣ, ба чор нафари мазкур айбнома тибқи моддаи марбут ба "амали террористӣ - гурӯҳӣ бо куштори одамон" дода шудааст, ки муҷозоти он аз 15 соли зиндон то ҳукми умрбодро дар бар мегирад.

Ин рӯйдод бори дигар таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ва миллиро ба хатари рӯзафзуни терроризм ва ифротгароӣ ҷалб мекунад.



## БОЗ СЕ ГУМОНБАР...







Роҳбари Кумитаи тафтишотии Русия Александр Бастрикин дар ҷаласае, ки ба иртиботи ҳамлаи террористӣ дар “Крокус Сити Холл” бахшида шуда буд, изҳор дошт, ки боз се гумонбар дастгир шуданд.

“Боздоштшудагон дар омодасозии амали террористӣ кумак кардаанд: ҳамлагаронро бо манзили зист ва мошин барои ҳаракат таъмин карда, пулҳоро интиқол додаанд”,- гуфт ӯ.

Шоми 25-уми март Додгоҳи Басманнии шаҳри Маскав се гумонбари дигари ҳамла ба “Крокус” - Аминҷон ва Диловар Исломовҳо (охирин соҳиби Renault-и сафед буд, ки террористон бо он омада ва пинҳон шудаанд), инчунин падарашон - Исмоил Исломовро ба ҳабси пешакӣ гирифт.

Тибқи фарзияи тафтишот, яке аз боздоштшудагон - Шамсиддин Фаридунӣ (Фаридуни Шамсиддин) пеш аз моҳи январ Аминҷон Исломов ва то 11-уми март Диловар Исломовро “ба ҳайати гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ ҷалб кардааст”.

## МУФАТТИШОНИ РУСИЯ БАРОИ БОЗПУРСӢ БА ДУШАНБЕ ОМАДАНД

Тасдиқот аз се манбаъ дар ниҳодҳои амниятии Тоҷикистон ба хабаргузории Рейтерс мерасад, ки муфаттишони Русия ба мақсади бозпурсии наздикони чор гумонбари асосӣ дар ҳамлаи маргбори 22-юми март дар шаҳри Красногорски вилояти Москва, ки 139 қурбонӣ бар ҷой гузошт, ба Тоҷикистон сафар кардаанд.

Бозпурсӣ алакай рӯзи сешанбеи 26-уми марти соли 2024 оғоз ёфтааст.

## ЧАНД ПЕШНИҲОД

### Оқибатҳои терроризм

Терроризм як мушкили ҷаҳонӣ мебошад, ки ҷомеаҳои гуногунро дар саросари ҷаҳон таҳдид мекунад. Рӯйдоди охир дар "Крокус Сити Холл" намунаи зиндаи он аст, ки чӣ гуна фаъолиятҳои террористӣ метавонанд ба амнияти дохилии кишвар таъсир расонанд ва ҳаёти одамонро ба хатар андозанд. Дастгирии гурӯҳи террористӣ нишон медиҳад, ки ҳукуматҳо ва ниҳодҳои амниятии мустақил чӣ гуна метавонанд бо тадбирҳои муассир, ҳамчунин бо истифода аз технологияҳо ва ҳамкории байналмилалӣ, барои шикастани нақшаҳои террористӣ ва таъмини амнияти шаҳрвандон амал кунанд.

### Пайомадҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ

Дар натиҷаи дастгиршавӣ, чор нафари дастгиршуда бо иттиҳоми анҷоми амалҳои террористӣ рӯ ба рӯ шуда, ба ҳукми аз 15 сол то умрбод маҳкум гардиданд. Ин нишон медиҳад, ки терроризм ҷавобгарии қатъӣ ва сахтро дар пеши худ дорад. Чунин оқибатҳо бояд барои касоне, ки ба чунин амалҳои ваҳшатнок фикр мекунанд, як паёми қавӣ бошад.

### Роҳҳои пешгирии терроризм

**Барои пешгирӣ аз терроризм, муҳим аст, ки роҳҳои гуногуни амалӣ анҷом дода шаванд:**

**1. Тақвияти системаи амниятӣ:**
*Истифода аз технологияҳои муосир ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ барои шиносоӣ ва муқобила ба таҳдидҳои террористӣ пеш аз амалӣ шудани онҳо.*

**2. Омӯзиши ҷомеа:**
*Огоҳсозии ҷомеа дар бораи хатарҳои терроризм ва роҳҳои пешгирӣ аз он муҳим аст. Барномаҳои таълимӣ ва семинарҳо метавонанд дар баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон нақши калидӣ бозанд. Хусусан нақши телевизион дар ин кор муҳим аст.*

**3. Ҳамкории байналмилалӣ:**
*Терроризм марз намешиносад, аз ин рӯ, ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо ин таҳдид муҳим аст. Мубодилаи иттилоот ва таҷрибаҳо байни кишварҳо метавонад дар пешгирии ҳамлаҳои террористӣ мусоидат кунад.*

**4. Мубориза бо решаҳои иҷтимоии терроризм:**
*Таҳлил ва рафъи сабабҳои иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки метавонанд афродро ба амали террористӣ баранд, аз қабили фақр, бекорӣ, табъиз ва нобаробарии иҷтимоӣ.*

**5. Роҳандозии барномаҳои бозгашт:**
*Кумак ба касоне, ки мехоҳанд аз гурӯҳҳои террористӣ даст кашанд ва ба ҷомеа бозгарданд, метавонад дар пешгирӣ аз паҳншавии идеологияи террористӣ мусоидат кунад.*

### Хулоса

Рӯйдоди дастгирии террористҳо дар "Крокус Сити Холл" нишондиҳандаи он аст, ки терроризм ҳамчунон як таҳдиди ҷиддӣ барои амнияти миллӣ ва байналмилалӣ боқӣ мемонад. Вале, пешрафтҳои муҳим дар мубориза бо ин падида низ мушоҳида мешаванд. Тавассути тақвияти тадбирҳои амниятии дохилӣ ва байналмилалӣ, афзоиши огоҳии ҷомеа ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ метавон аз паҳншавии терроризм ҷилавгирӣ кард. Таҳлили ин рӯйдод ва оқибатҳои он бояд ҳамчун як дарс барои тақвияти тадбирҳои пешгирикунанда ва рафъи сабабҳои решадори терроризм истифода шавад.

"Тоҷикистон"

# 4 БОЗДОШТШУДА

## Гумонбарони ҳамла ба «Крокус Сити Холл» кистанд?

### Гоҳ намоз меҳонду гоҳ не



Саидакрам Раҷабализода (Муродалӣ), яке аз гумонбарони ҳамла ба "Крокус Сити Холл"-и Маскав, ки ҳангоми боздошт як гӯшашро бuридаанд, зодаи шаҳри Ваҳдат будааст.

Ин ҷавон 30 сол дорад ва ба гуфтаи ҳамсараш Бибисоро Ашӯрова, аввали моҳи январи ҳамин сол ба Русия рафта будааст.

Бибисоро ба "Озодӣ" гуфтааст, ки ҳамсараш "тақрибан се моҳи охир ягон бор на занг зад, на суроғ кард ва на пул фиристод".

Ин дар ҳолест, ки нашрияи "Ҳуррият"-и Туркия навишт, ки Саидакрам Раҷабализода 5-уми январи имсол вориди Истамбул шуд ва 2-юми март якҷо бо Фаридуни Шамсиддин, гумонбари дигари ҳамла ба "Крокус" ба Русия рафт.

Саидакрам то замони ба Русия рафтан дар корхонаи мебелсозӣ дар шаҳри Ваҳдат кор мекард. Ба гуфти пайвандонаш, ӯ дар ҷое таълими динӣ нагирифта ва мактабро ҳам то то синфи 9-ум хонда будааст. Ҳамсараш гуфтааст, ки гоҳ намоз меҳонду гоҳ не.

Саидакрам моҳи декабри соли 2017 оиладор шуда, соли 2018 ба Русия меравад. Баъдан депорт мешавад ва баъди 5 сол азми сафари Русия мекунад.

Раҷаблизодаи 30-соларо рӯзи 24-уми март бо қарори Додгоҳи ноҳияи Басманнийи шаҳри Маскав барои ду моҳ ба ҳабс гирифтанд. Пеш аз ин дар шабакаҳои наздик ба мақомоти қудратии Русия навори шиканҷаи ӯ пахш шуд.

Дар видео дида мешавад, ки гӯши ин шаҳрванди Тоҷикистонро бурида, ба даҳонаш гузошта, маҷбур кардаанд, ки онро фурӯ барад. Ба навиштаи "Фонтанка", ин наворро шабакаҳои наздик ба гурӯҳи зархариди "Вагнер" пахш кардаанд.

### Гуноҳашро ба гардан нагирифт





Муҳаммадсобир Файзов гумонбари дигари ҳамла ба "Крокус Сити Холл" зодаи ҷамоати Сарикиштии ноҳияи Рӯдакӣ будааст. Ӯ то ҳамла дар шаҳри Иваново ҳамчун устои сартарош кор мекард.

Модари ӯ, Сайрам Файзова мегӯяд, ки ҳеҷ бовараш намеояд, ки фарзандаш ҳамлаи террористӣ анҷом додааст.

Ин зан гуфтааст, ки фарзандаш меҳрубону дилсӯз буд ва то имрӯз касе аз ӯ шикояте накарда будааст.

Муҳаммадсобир дар шабакаи иҷтимоии "ВКонтакте" саҳифа дорад. Аз он дида мешавад, ки ӯ зоҳиран як ҷавони оддӣ аст ва бештар аз рафти кораш аксу наворхо пахш мекард.

Расонаҳои русӣ менависанд, ки ӯ ҳамчунин ба варзиш машғул буда, дар толори варзишии War Pro дар Иваново дар риштаи кикбоксинг машқ мекардааст.

Ба иттилои пайвандон, Муҳаммадсобир барои беҳтар кардани вазъи оила ба Русия рафта буд. Зеро онҳо дар як ҳавлӣ чор оила зиндагӣ мекарданд. Модараш гуфтааст, ки вай мехостааст барои таҳсил ба Хитой биравад.

Муҳаммадсобири 19-соларо рӯзи 23-юми марти имсол дар Русия дастгир карда, ба толори Додгоҳи ноҳияи Басманний бо аробача ва либоси тиббӣ оварданд. Пеш аз он дар шуъбаи эҳё буд ва бозпурсияш дар он ҷо гузашт. Вай ба суоли аввали муфаттишон, ки бо ёрии тарҷумон сурат гирифт, бо суоли "Ман чӣ кор кардаам?" посух дод.

Бино ба иттилои нашршуда ҳангоми амалиёти боздошт гӯё муқовимат карда, як ҷашмаш сахт осеб дидааст. Дар сару рӯяш осори зарбу лат намудор буд. Ӯ аз миёни 4 гумонбари ҳамла ягона нафарест, ки гуноҳашро эътироф накардааст.

### Қаблан ҳабс шуда буд





Гумонбари дигар Фаридуни Шамсиддин 25 сол дорад ва сокини деҳаи Лойобаи Ҳисор аст.

Фаридуни Шамсиддин дар навори бозпурсии мақомоти Русия дар ҳоле ки дастонаш баста ва дар замин ба зону зада буд, гуфт, 4-уми марти имсол аз Туркия ба Русия гузашт. Ба онҷо бо ҳадафи гузаштан аз сарҳад ва тамдиди будубошаш дар Русия рафта будааст.

Вай дар ҳамин бозпурсӣ гуфт, ки барои иҷрои ҳамлаи террористӣ аз ёвари як рӯҳонӣ "500 ҳазор рубл" гирифт. Каналҳои русӣ дар Телеграм рӯзи 23-юми март акси шиканҷа шудани ӯро бо барқ нашр карданд.

Яке аз пайвандони Фаридуни Шамсиддин, бо шарти зикр нашудани номаш ба "Озодӣ" гуфт: "Дар рафтораш ҳеҷ амали шубҳаовар надида будем. Шаш моҳ пеш ба Русия рафт ва ба хонаводааш пул мефиристод. Ӯ ба мисли як муҳоҷири оддӣ рафтор дошт ва касе ба ӯ шубҳа надошт. Мо хабарро шунида, дар ҳолати шок афтодем. Як гунҷишкро кушта наметавонист ва ҳеле тарсонҷак буд".

Фаридуни Шамсиддин соли 2022 издивоҷ карда, як писари ҳаштмоҳа дорад.

Манбаъ мегӯяд, ки ин ҳодиса пайвандони ӯро дар ҳолати бисёр бад гузоштааст.

"Ҳоло ҳамсар, падару модар ва хушдоманашро ба Душанбе барои бозпурсӣ бурданд. Дар Маскав дар хонаи хоҳараш номнавис шуда буд. Язнааш талоқи хоҳарашро додааст. Мақомоти Русия ӯро субҳи ҳамин рӯз ба далели дар хонааш номнавис кардани Фаридун бо се кӯдакаш аз Русия ихроҷ карданд. Хоҳараш, Маҳбуба Заргарова, шоми имрӯз бояд ба Тоҷикистон бирасад",- гуфт ӯ.

Ба нақли ин хешованди Фаридуни Шамсиддин, ӯ то Русия рафтан дар як нонвойхонаи шаҳри Ҳисор кор мекард ва "на намоз меҳонд, на рӯза медошт".

Тибқи иттилои "Озодӣ", ӯ пештар ба иттиҳоми озори ҷинсӣ дар Тоҷикистон аз озодӣ маҳрум шуда, соли 2020 озод гардидааст.

### Роҳбари ҳамлаварон





Далерҷон Мирзоев (Баротович) гумонбари ҷоруми ҳамла ба "Крокус-Сити Холл" аст. Ӯ дар ҳоле ба додгоҳ оварда шуд, ки беҳол ва сардаргум намудор шуда, дар сару рӯяш осори латукӯб дошт ва дар гарданаш боқимондаи пакети селофанӣ овезон буд. Вай, ба гуфтаи дафтари матбуоти додгоҳ, айбномаро қабул кард ва худро гунаҳкор донист.

Далерҷон Мирзоеви 32-сола соҳиби кӯдакони солҳои таваллудашон 2018, 2017 ва дугоникҳои яқинимсола мебошад. Ӯ дар Новосибирск ба муддати се моҳ сабти номи муваққатӣ дошт, ки муҳлати он аллакай гузаштааст.

Як рӯз пеш сармуҳаррири шабакаи телевизионии RT Маргарита Симонян видеои бозпурсии Мирзоевро нашр карда, ӯро раҳбари гурӯҳи террористӣ номид. Дар навор ӯ мегӯяд, ки тақрибан як моҳ бо Муҳаммад (дар мурофиа маълум шуд, ки ин созмондиҳандаи дигари ҳамлаи террористӣ Муҳаммадсобир Файзов будааст) дар хобгоҳе дар шоҳроҳи Дмитров зиндагӣ мекард. Вай ҳамчунин гуфт, ки 10-12 рӯз пеш тавассути Telegram бо нафаре бо номи Абдулло шинос шуда, аз хешовандони ӯ мошин харид, то таксиронӣ кунад.

Тавре нашрияи «Важные истории» менависад, эҳтимол сухан дар бораи Абдулло Бӯриев меравад, ки шояд созмондиҳандаи ҳамлаи террористӣ дар Маскав бошад. Ба навиштаи ин нашрия, ӯ омилони ҳамлаи террористӣ дар Истамбулро дар охири моҳи январ бо мошини дорои рақамҳои Лаҳистон таъмин карда, сипас ба Русия парвоз кардааст. Бӯриев ба ҳайси куратори бахши афғонистонии ДОИШ зери назорати хадамоти истихбороти Туркия қарор доштааст.

### Террористон миллат надоранд

Пас аз қазияи "Крокус Сити Хол" ва боздошти гумонбарони тоҷик дар шабакаҳои иҷтимоӣ навиштаҳо ва шарҳҳо бо даъвати ихроҷи кулли тоҷикон аз Русия, ҷорӣ кардани раводид, рондани онҳо аз кор ва худдорӣ аз сафар дар таксӣ бо ронандагони тоҷик дар Русия оғоз ёфт.

Аммо баъдан шахсиятҳои маъруф ва блогерон аҳолиро ба худдорӣ даъват карданд ва ёдовар шуданд, ки терроризм миллат надорад.

Президенти Русия яке аз аввалинҳо шуда дар паёми худ дар ин бора сухан гуфт.

«Террористҳо, қотилон, ноодамоне, ки наметавонанд миллат дошта бошанд, бо як сарнавишти ҳасаднопазир – интиқом ва ба фаромӯшӣ дуҷор мешаванд. Онҳо оянда надоранд", - гуфт Владимир Путин зимни суҳбат.

Ҳамчунин дар суҳбати телефонӣ бо Владимир Путин Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки "террористон на миллат доранду на ватан ва на эътиқод".

Репсарои рус Тимати бо нашри видео аз тоҷикон ҳимоят карду даъват намуд, ки ба иғво набояд дода шуду ба низои миллию нажодӣ дар Русия замина гузошт.

"Тоҷикон гунаҳкор нестанд, ки ин нобакорон бар ивази 500 ҳазор рубл ба теракт даст заданд", - гуфт ӯ.

Дина Саева, блогер ва модели тоҷиктабори Русия аз ҳаводоронаш даъват кард, ки мунокишаи қавмиро барнаангезанд.

Дигар шахсиятҳои маъруф, таъсиргузор ва блогнависони тоҷик низ ҳамин гуна изҳоротро баён доштанд.

Аз ҷумла журналисти маъруфи рус Владимир Соловёв низ аз тоҷикон пуштибонӣ кард.

**О.НОЗИР**

*Нигаронӣ*



# ИНСОФ НАМОНД!

## Болоравии нархҳо дар моҳи шарифи Рамазон

**Ҳамасола бо фаро расидани моҳи шарифи Рамазон дар кишвар сокинон аз гаронии нарху навои маҳсулоти ниёзи аввалия шикоят мекунанд. Имсол чӣ? Дар пойтахт нархи кадом маҳсулот боло рафт?**

### Гӯшт қиммат шуд

Саида, як сокини шаҳри Душанбе мегӯяд, ки вокеан ҳам баъд аз оғози моҳи шарифи Рамазон нархҳо дар бозор хело боло рафт. Гарчанде тағйирот дар маҳсулоти ниёзи аввал кам ба назар мерасад, вале нархи дигар маҳсулот осмонӣ шуд.

- Моҳи шарифи Рамазон пеш аз ҳама моҳи хайру саховат ва адлу инсоф аст, ки ба ҳар як банда Худованд худаш тавфиқ диҳад. Тоҷирон ҳар гунае хоҳанд, ҳамон гуна нархгузорӣ мекунанд ва ҳатто нархи сабзавоте ба монанди пиёзи сабз ва амсоли инро боло бурдаанд. Пеш аз Рамазон як килограмм қаламфури булғорӣ 15-17 сомонӣ буд дар бозори “Меҳргон”, ҳоло онро 40 сомонӣ харидорӣ мекунӣ,- афзуд ӯ.

Фурӯғ, сокини дигари Душанбешаҳр мегӯяд, ки дар ин моҳ нархи гӯшт боло баромадааст: “Масалан, як моҳ қабл ман як килограмм гӯштро 68-70 сомонӣ мехаридам, ҳоло 75-78 сомонӣ нархгузорӣ шудааст. Вале нархи орду равған ҳамон гуна боқӣ мондаанд ва дар моҳи Рамазон тағйироти ҷиддие нашудааст”.

### Мева намехарем

Гароншавии нарху наво дар кишвар пеш аз моҳи Рамазон оғоз шуд. Аз ҷумла, равған, шакар, тухм ва маҳсулоти дигари ниёзи аввал қиммат шуданд. Соҳибкорон мегӯянд, ки дар баъзе мавридҳо гузоштани нарху наво аз онҳо вобастагӣ надорад. Савдои мекардаашон хароҷотро намепӯшонад.

Шамс, як тоҷир, ки ба фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалияи мардум машғул аст, мегӯяд, воқеан ҳам ӯ маҳсулотро аз яклухтфурӯшон бо нархи гарон харидорӣ мекунад ва наметавонад онро арзон ба фурӯш гузорад.

- Мо аз нуктаҳои яклухтфурӯшӣ маҳсулотро харидорӣ мекунем ва вақте ба мо бо нархи гарон медиҳанд, наметавонем онро арзон фурӯшем. Мо маҷбур мешавем чанд тангаи дигар болои он монему ба фурӯш гузорем,- илова намуд ин тоҷири тоҷик.

Холаи Мастура дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунад. Ӯ мегӯяд, ки дар ин моҳ аъзои хонаводааш аз хӯрдани мева даст кашидаанд.

- Нархи мевагӣ дар Рамазон боло рафт. Пеш як килограмм себ 10-12 сомонӣ буд, ҳоло 24-25 сомонӣ шудааст. Ман дигар мева намехарам ва ба фарзандонам ҳам гуфтам, ки умеди хӯрдани себу хурморо накунед. Зеро 800 сомонӣ маош мегирам, ки аз ин моҳ ба ин моҳ ба як азоб сар ба сар мешавад. Дар нархгузории маҳсулот инсоф намондааст,- гуфт ӯ.

### Таъкиди Абдулқодирзода чӣ шуд?

Саидмукаррам Абдулқодирзода, раиси Шӯрои уламои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз савдогарон пеш аз ин моҳи шариф хоҳиш карда буд, ки дар моҳи Рамазон нархи маҳсулоти ғизоиро боло набаранд, балки ба миқдоре поин фароранд.

Абдулқодирзода нигаронӣ кард, ки баъзе савдогарон дар моҳи Рамазон ба эҳтикор ё ба таври сунъӣ боло бурдани нарх даст мезананд, ки ин маблағ ба онҳо ба ҷуз нигарониву нокомӣ ба парешониву ташвишҳо чизе намедиҳад.

"Мо камбуди равған, орд, меваҷот надорем, ҳама анборҳо пур аз ин неъматҳост. Ҳоло ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи маводи мавриди ниёзи аввал, бардоштани нархи дигар маҳсулот, умуман сӯиистифода аз моҳи мубораки Рамазон ё рӯзҳои мубораки ид бисёр гуноҳи азим буда, пайомадҳои нохуш низ дорад”,- мегӯяд муфтии Тоҷикистон.

### Қиммат мешаваду арзон не

Солҳои охир болоравии нархи маҳсулот дар кишвари мо ба шиддат идома дорад, аммо арзон шудани онҳо дида намешавад. Боз ҳар гоҳ, ки арзиши доллар боло равад, дар бозорҳо инро баҳона карда, кимати амволро баланд мебаранд, аммо баъди он ки қурби доллар паст мешавад, дигар нархҳоро арзон намекунанд.

Дар гузашта масъулони бозорҳо ва шаҳрдорӣ барои дар як сатҳ нигоҳ доштани арзиши молу маҳсулот дар моҳи Рамазон борҳо талош карда буданд, вале ба қавли сокинону таҳлилгарон, натиҷа назаррас набуд.

Гарон будани нархи маҳсулоти аввалия дар кишвар дар ҳолест, ки фарқ миёни музди меҳнати мардум ва нархи бозор калон аст. Маоши ҳадди ақал дар Тоҷикистон айни ҳол 600 сомонӣ гуфта мешавад. Бо фармони Президенти кишвар аз 1-уми июли соли 2024-ум, он 40% баланд бардошта мешавад, ки 800 сомониро ташкил медиҳад.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**



**25-уми март Сайид Умари Маъсум - ҳайкалтароши тоҷик, ки дар Олмон кору зиндагӣ мекунад, ба Президенти кишвар маҳсули ҳунари худ - тандиси биринҷии чеҳраи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро тақдим намуд.**

Ин ҳунарманди тоҷик, ки солиёни дароз дар Аврупо зиндагӣ мекунад, нимпайкара, ҳайкали комил ва тандиси бисёре аз сиёсатмадорон ва шахсиятҳои маъруфи ҷаҳонро офаридааст.




**Бо ташаббуси Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии "Маркази рушди зеҳнӣ" маросими ҷоизасупории Озмуни "100 чеҳраи муваффақ" баргузор гардид.**

Ғолибони озмуни мазкур аз рӯи ду категория вобаста ба 11 номинатсия - "Илм ва маориф", "Тарғиби ғояҳои миллӣ", "Ҷавонон ва варзиш", "Ихтироъкориву барномасозӣ", "Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мудофиа", "Соҳибкорӣ", "Журналистика", "Фарҳанг ва санъат", “Тиб” ва "Соҳибкорӣ" муайян шуданд. Сармуҳаррири ҳафтаномаи “Тоҷикистон” Шариф Ҳамдампур низ дар бахши “Журналистика” шомили 100 чеҳраи муваффақ шуд.




**Хадамоти алоқаи Тоҷикистон хабари “қоидаҳои нави алоқа"-ро комилан рад карда, беасос ва фейк арзёбӣ намуд.**

Қаблан матне дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шуд, ки гӯё “ба хотири вазъияти кишвар” тамоми суҳбатҳо дар алоқаи мобилӣ ва месенҷерҳои интернетӣ шунида хоҳанд шуд.

“Дар ин хабари фейкӣ аз сабти ҳама зангҳои телефонӣ, паёмҳо ва зангҳои Whatsapp ва инчунин мониторинги Twitter, Facebook сухан меравад, ки комилан беасос ва гумроҳкунанда аст”,- гуфтанд дар Хадамоти алоқа.

# ҲАҶ - 2024

## Аз эълони нарх то ҷазо барои қонуншиканӣ

**Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Тоҷикистон рӯзи 18-уми март нархи хизматрасониҳоро барои Ҳаҷ дар соли 2024 эълон кард.**



### Арзонтар аз соли қаблӣ

Кумита хабар дод, ки хизматрасониҳо барои мавсими Ҳаҷи имсола 57 ҳазор сомонӣ муайян карда шудааст. Имсол нархи роҳхати Ҳаҷи асосӣ назар ба соли гузашта 2 ҳазор сомонӣ арзонтар аст. Соли 2023 нархи он 59 ҳазор сомонӣ муқаррар шуда буд.

Кумитаи дин дар иттилоияаш гуфт: "Маблағи мазкур барои харидории билети ҳавопаймо (рафту баргашт), иҷораи меҳмонхона дар шаҳрҳои Макка ва Мадина, таъмини се вақт хӯрок дар давоми сафар, хидматрасонии роҳбаладон, таъмини шароити иқомат дар Мино, Арафот ва Муздалифа, пардохти маблағи қурбонӣ, таъмини нақлиёт барои интиқоли ҳоҷиён дар масири Ҷидда-Макка-Мино-Арафот-Муздалифа-Мино-Макка-Мадина, ташкили нуқтаҳои тиббӣ дар Макка ва Мадина ва таъмини онҳо бо маводи доруворӣ, суғурта, пардохти боҷи давлатӣ, таъмини ҳоҷиён бо китоб дар бораи маносики ҳаҷ ва таҳияи бейҷикҳо истифода мешавад".

Ҳамчунин, Кумитаи дин эълон кардааст, ки довталабони сафари Ҳаҷ тибқи рӯйхат маблағҳои худро ба таври ғайринақдӣ тавассути филиалҳои ҶСК "Ориёнбонк" пардохт бояд бикунанд.

Сафари зоирон ба Ҳаҷ дар нимаи дуюми моҳи май дар назар дошта шудааст.

### Ҷазо барои ҳаҷи ғайриқонунӣ

Арабистони Саудӣ соли равон ҷазо барои ширкати ғайриқонунӣ дар маросими ҳаҷро сахттар кард. Гуфта мешавад, ки барои ин кор ҳукми зиндон низ пешбинӣ гардидааст.

Мақомоти ин кишвар эълон кардааст, ки барои шахсоне, ки иҷозаи ба зиёрати ҳаҷ рафтан надоранд, ҳукми зиндон (аз 2 то 6 моҳ) ва ҷарима (қариб 13 ҳазор доллар) пешбинӣ шудааст.

Бинобар ин, зоирон бояд бидонанд, ки тибқи қавонини Арабистони Саудӣ, сабти номи зоирон барои ҳаҷ метавонад бо ду роҳ сурат бигирад: намояндагиҳои расмии ҳаҷ, ки аз номи давлатҳои худ амал мекунанд ва ё ширкатҳои сайёҳӣ, ки ба ҳайси шахси ҳуқуқии хусусӣ амал мекунанд.

Шахси зиёраткунанда бояд донад, ки барои адои маросими Ҳаҷ бояд раводиди махсус бигирад. Бо ин раводид зиёраткунанда наметавонад ба дилхоҳ шаҳри Арабистони Саудӣ сафар кунад, ғайр аз шаҳрҳои Ҷидда, Макка ва Мадина.

Мавриди ёдоварист, ки Арабистони Саудӣ барои зиёрат ду раводид дорад - раводиди ҳаҷ ва раводиди умра. Ҳамчунин, ин кишвар барои сайёҳон раводиди саёҳат медиҳад.

Бинобар ин, аз зоирон даъват карда мешавад, ки дар гирифтани раводид эҳтиёткор бошанд.

### Ба доми қаллобон наафтед!

Бо оғоз шудани мавсими Ҳаҷ, таҷрибаи солҳои гузашта нишон медиҳад, ки бисёр нафарон ба доми қаллобон меафтанд. Нафароне пайдо мешаванд, ки барои гирифтани квотаи Ҳаҷ маблағ меситонанд. Ҳатто ҳодисаҳое ҳам шудааст, ки чунин ашхос даҳҳо нафарро фиреб додаанд. Бинобар ин, аз довталабони Ҳаҷ даъват карда мешавад, ки эҳтиёт бошанд, ба доми фиреб наафтанд. Ҳаҷи асосӣ ё фарзӣ фақат тариқи рӯйхате, ки Кумитаи дин танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Тоҷикистон тасдиқ кардааст, сурат мегирад.

**Д. ҚОДИРПУР**

# АНҶУМАНИ B5+1

## Он ба кишварҳои минтақа чӣ медиҳад?

**Кишварҳо ва соҳибкорони Осиёи Марказӣ дар нахустин ҳамоиши B5+1 дар Алмаатои Қазоқистон ҷамъ омаданд. Нишаст бо ташаббуси ИМА рӯзи 14-уми март баргузор шуд.**



Ба иттилои созмондиҳандагони ҳамоиш, ҳадаф таҳким ва ҳамгироии иқтисодӣ, беҳтар кардани дастрасӣ ба фанновариҳои ҷадид ва рушди тиҷорати байналмилалӣ дар кишварҳои минтақа аст.

Аз Тоҷикистон дар форуми тиҷоратии B5+1, (Business 5+1), ки 5 кишвари Осиёи Марказӣ ва Амрико шомили он ҳастанд, муовини вазири рушди иқтисод ва Кумитаи рушди сайёҳӣ, ҳамчунин намояндагони бахши хусусӣ ширкат намудаанд.

Даниел Розенблюм, сафири ИМА дар Қазоқистон ташкили ҳамоишро оғози як "кори дарозмуддат"-и Амрико барои таъмини фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Осиёи Марказӣ номидааст.

Бино ба навиштаи Eurasianet.org, Николас Берлинер, ёвари вижаи президенти Амрико, Ҷо Байден ва раҳбари Шӯрои амнияти миллӣ оид ба масоили Русия ва Осиёи Марказӣ дар ин ҳамоиш бо таваҷҷуҳ ба нооромиҳое, ки баъд аз амалиёти низомии Русия ба Украина минтақаро фаро гирифтааст, таъкид кард, ки ҳар "тағйирот бо худ имкониятҳоро меорад".

Дипломатҳои амрикоӣ ва созмондиҳандагони ҳамоиши B5+1 гуфтанд, медонанд, ки пеши роҳи ин иқдом монеаҳое хоҳад буд. Ба таъкиди онҳо, кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати анъанавӣ доранд, ки барои бахши хусусӣ ва ворид кардани тағйироте дар ин самт маҳдудият эҷод мекунад.

Дар ҳамоиш ҳайатҳои баландпояи давлатӣ аз тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Туркманистон ширкат кардаанд, ки ин ба бовари онҳо, далели он аст, ки ҳукуматҳои минтақа ба тарҳи B5+1 таваҷҷуҳ доранд.

Тавофуқ барои ташкили анҷуман ё форуми тиҷоратии B5+1 дар нишасти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар чаҳорчӯби C5+1 ҳосил шуда буд. Ин нишаст моҳи сентябри соли 2023 дар Амрико гузашт. Ҳадаф аз таъсиси ҳамоиши иловагии B5+1-ро таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИМА меноманд. Дар сурати ба даст омадани натиҷа аз нахустин ҳамоиши B5+1 Амрико сармоягузориро ба кишварҳои минтақа бештар хоҳад кард.

### СЕЛ БА КАДОМ НОҲИЯҲО ЗАРАР РАСОНД?

**Дар натиҷаи боришоти зиёд ва омадани сел, ярч ва сангрезиҳо хонаҳову муассисаҳои иҷтимоӣ дар чанд ноҳияи кишвар зарар дидаанд.**

#### Шаҳринав

Бино ба иттилои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи шаҳрвандии Тоҷикистон, шаби 21 ба 22-юми март бар асари боришоти пай дар пай 56 метр роҳи байнишаҳрии деҳаи Савдаи ҷамоати деҳоти Боғистони ноҳияи Шаҳринав зери сел қарор гирифт.

#### Ваҳдат

Дар деҳаи Наврӯзи ҷамоати деҳоти Нуъмон Розиқи шаҳри Ваҳдат бошад, дар пайи боришоти борони шадид ва боло рафтани сатҳи оби рӯдхонаи Симиганҷ хатари шуста шудани сарбанди муҳофизатӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин лиҳоз, 20 хонавода муваққатан ба ҷойҳои амн кӯчонида шуданд.

#### Роғун

21-уми март дар шаҳри Роғун бар асари боришоти шадид ярч фаромада, роҳи дохилишаҳриро баст.

#### Хуросон

21-уми март дар ноҳияи Хуросон низ сел омад, ки дар пайи он 25 бинои истиқоматии шаҳрвандон дар деҳаи Чорбоғ-2, ҷамоати Айнӣ зери об монд. Дар ин ноҳия 20 хонавода ба ҷойи амн интиқол ёфтаанд.

#### Абдураҳмони Ҷомӣ

Чанд кӯча ва 5 қитъаи наздиҳавлигии сокинони деҳаи Баҳори ҷамоати деҳоти ба номи Қадриддин Ғиёсови ноҳияи А. Ҷомӣ низ зери об мондааст.

Дар деҳаи Дӯстии ҷамоати Якатут ба саҳни ҳавлии 15 бинои истиқоматӣ ва як корхонаи коркарди пахта сел даромадааст. Аз ин минтақа низ 50 нафар ва 30 сар чорвои калони шохдор муваққатан ба ҷойи бехавф интиқол ёфтаанд.

#### Қубодиён

Дар ноҳияи Қубодиён, дар ҳудуди деҳаи Равшанободи ҷамоати деҳоти Носири Хусрав ва деҳаи Гулафшон-3-и ҷамоати деҳоти Чоргули ноҳияи Ёвон низ сел омадааст.

#### Носири Хусрав

Дар ноҳияи Носири Хусрав 3-4-километрии шоҳроҳи Тоҷикистон-Ӯзбекистон зери сел монд.

#### Ховалинг

21-уми март дар пайи борони шадид сатҳи оби рӯдхонаи Ёхсу баланд шуда, пули роҳи мошингарди деҳаҳои Дашти Рубот ва Суони ҷамоати Шуғнови ноҳияи Ховалингро бо регу шағал пур кард.

#### Темурмалик

Бар асари омадани сел канали Шӯраксой дар ноҳияи Темурмалик маҷрои худро дигар карда, оби он ба ҳудуди бинои Хадамоти оташнишонии ВКД дар ноҳия ворид шудааст.

# СИМОИ МУАССИРИ ТАЪРИХ

## Нигоҳе ба рӯзгори Шириншо Шоҳтемур



**ДАР ТАЪРИХИ ХАЛҚУ МИЛЛАТҲО ШАХСИЯТҲОИ НЕРУМАНДЕ БА КАМОЛ МЕРАСАНД, КИ ПАСОЯНДАГОН КОРНОМА ВА ХИДМАТҲОИ ШОИСТАИ ОНҲОРО ҲЕҶ ГОҲ ФАРОМӮШ НАМЕКУНАНД. ДАР МИЁНИ ТОҶИКОН НИЗ ЧУНИН ЧЕҲРАҲОИ БАРҶАСТА ЗИЁДАНД, КИ ХАЛҚ ХОТИРАИ ОНҲОРО ПОС МЕДОРАД ВА БО НОМУ КОРНОМАҲОЯШОН ИФТИХОР МЕНАМОЯД. ИН ҚАБИЛ ОДАМОН НА ТАНҲО БАРОИ НОМУСИ ВАТАНДОРӢ ТАЛОШ МЕКУНАНД, БАЛКИ ДАР ТАҲКИМУ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ ҲИССАИ САЗОВОР ГУЗОШТА, УМРИ БОБАРАКАТИ ХЕШРО БАҲРИ ҲИМОЯИ АНЪАНАҲОИ ТАЪРИХИВУ ФАРҲАНГИИ ХАЛҚАШОН САРФ МЕНАМОЯНД.**

Махсусан, дар солҳои аввали садаи XX як қатор фарзандони ҳақталошу бонангу номус барои соҳиби истиқлоли миллӣ гардидани халқи тоҷик талош карданд ва ба муқобили гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои хатарноки пантуркизм мубориза бурда, бо иродаи қавӣ ва қобилияти баланди ташкилотчигӣ ҷиҳати таъсис додани давлати миллӣ корҳои бузургро ба анҷом расониданд ва ба ивази садҳо қурбонӣ ва муборизаҳои шадиди инқилобӣ ба мақсади олии худ ноил гардиданд.

Ширишоҳ Шоҳтемур аз ҷумлаи ҳамин гуна афроди ватандӯст мебошад, ки зиндагӣ ва фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ӯ намунаи олии худшиносӣ ва худогоҳӣ барои ҳар як фарди тоҷик ба шумор меравад. Вай баробари Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Садриддин Айнӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум, Аббос Алиев, Саидризо Ализода ва дигарон барои бедории шуури меҳнаткашони тоҷик корҳои шоистаро ба анҷом расонидааст. Вай ва ҳамсафони ӯ ҷиҳати таъсис ёфтани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон муборизаи беамон бурда, дар саргаҳи аввалин фидоиёни роҳи ҳақиқат қарор доштанд. Доир ба нақшу мақоми Ширишоҳ Шоҳтемур дар таърихи халқи тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори назар карда, қайд мекунанд, ки «Ширишо Шоҳтемур аз ҷумлаи сиёсатмадорон ва ходимони барҷастаи давлатие буд, ки тамоми қуввату дониш ва неруи маънавиашро барои поягузорӣ ва бунёди давлати миллии тоҷикон равона сохтааст. Ӯ аз рӯзгори пуртазоду пурихтилоф сабақ андӯхта, ҳамчун шахси матинидаву донишманд, инсони оқилу дурандеш, сиёсатмадори барҷаставу ташкилотчии моҳир ба камол расидааст».

Дар ҳақиқат, Ширишоҳ Шоҳтемур тамоми маҳорат ва истеъдоди фитрии худро барои ташкили давлати миллӣ равона карда, ба хотири барқарор кардани адолати иҷтимоиву сиёсии халқи тоҷик, дуруст муайян кардани мавқеи он дар миёни халқҳои Осиёи Миёна ва қадима будани ин миллати куҳанбунёд кӯшишҳои зиёде кардааст. Вай ба мисли ҳаммаслаконаш ба муқобили қувваҳои тундрав муборизаи беамон бурда, ҳастии халқашро сарбаландона дифоъ кардааст. Ҳамин ҷоннисорӣ ва ҳақталошии ӯ ва ҳамсафонаш имкон дод, ки Тоҷикистон аввал ба сифати ҷумҳурии худмухтор ва сипас ба сифати ҷумҳурии мустақил дар ҳайати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёбад ва халқи тоҷик пас аз ҳазор соли бедавлатӣ соҳиби давлати миллӣ гардад.

Ширишоҳ Шоҳтемур умри кӯтоҳ, вале пурбаракат дида, дар як давраи ниҳоят мураккаб ва ниҳоят сангин зиндагӣ намуда, бо дониши васеъ, ҳисси ватандӯстӣ, маҳорати махсуси ташкилотчигӣ ва фарҳанги баланди сиёсӣ миёни ҳамсафони худ шоистаи эҳтиром ва қадрдонии зиёд гардида, то охирин лаҳзаҳои ҳаёташ ба халқу Ватани худ содиқ мондааст.

Вай соли 1889 дар ноҳияи Шуғнон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ дар айёми кӯдакӣ аз падару модар ятим монда, ба хурдсолии худ нигоҳ накарда, ба хотири бори зиндагиро пеш бурдан ба отряди сарҳадчиёни рус ба кор медарояд ва дар он ҷо забони русиро омӯхта, бо афкори тоза шинос мегардад. Вай соли 1914 ба шаҳри Тошканд рафта, бо муҳити нав ошноӣ пайдо менамояд. Боздиди Шоҳтемури ҷавон аз шаҳри саноатӣ ва пешрафта ба ҷаҳони маънавиаш таъсири бузург мерасонад. Маҳз дар ҳамин ҷо Ширишоҳ Шоҳтемур бо гурӯҳи пешқадами коргарӣ, ки рӯҳияи озодандешӣ ва инқилобӣ доштанд, ошно гардида, ҳамчун муборизи ҳаёти нав ба камол мерасад. Новобаста ба душвориҳои зиндагӣ ӯ дар Тошканд таҳсил карда, забони русиро ёд мегирад ва асарҳои зиёдро мутолиа менамояд.

Ширишоҳи ҷавон ва мубориз аз имтиҳони таърих гузашта, ба ҳайси яке аз аввалин барқароркунандагони сохти шӯравӣ ба ватани худ - Тоҷикистон фиристонида мешавад. Вай нахустин супориши ҳокимияти навро оид ба ташкили маъракаи ғаллатайёркунӣ дар уезди Хуҷанд ва Дилварзин бо сари баланд иҷро карда, ба ҳайати сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фиристонида мешавад ва баъдан раиси сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ интихоб мегардад. Ин давраи ниҳоят вазнину мураккаби фаъолияти Ширишоҳ ба шумор мерафт, зеро ӯ вазифадор гардида буд, ки дар кӯҳистони дурдаст сохти навро барқарор намояд, ба муқобили босмачигарӣ мубориза барад, ячейкаҳои ҳизбӣ ва мактабҳои навро таъсис намояд ва халқро ба тарафдории давлати Шӯроҳо ҷалб созад.

Соли 1921 Ширишоҳ Шоҳтемур корро аз ислоҳоти замин оғоз карда, ба мардуми деҳқон заминҳоро тақсим менамояд ва асосҳои ҳокимияти навро дар кӯҳистон барқарор мекунад. Вай бо гурӯҳи худ аксари ноҳияҳои Бадахшонро пиёдаву савора тай кардааст. Онҳо дар ҳар як деҳа ва макони аҳолинишин бо сокинон мулоқот карда, ҳокимияти Шӯроҳоро муаррифӣ менамоянд ва ячейкаҳои маҳаллӣ ва курсҳои маҳви бесаводиро ташкил мекунанд. Нахустин муаллимонро аз миёни мардуми маҳаллие, ки савод доштанд, интихоб менамоянд.

Соли 1923 Ширишоҳ Шоҳтемур ба Тошканд даъват шуда, ба ҳайси инструктори шуъбаи ақаллиятҳои миллӣ ба кор оғоз мекунад. Дар ин давра дар Осиёи Миёна сиёсати тақсимоти милливу ҳудудӣ шуруъ мегардад ва дар гузаронидани он Ширишоҳ Шоҳтемур фаъолона ширкат варзида, аз манфиатҳои миллати тоҷик ҷасурона дифоъ мекунад ва барои таъсиси ҷумҳурии худмухтор якҷо бо ҳаммаслаконаш талош намуда, соли 1924 ба мақсади хеш ноил мегардад. То ба чунин пирӯзӣ расидан борҳо Ширишоҳ ва ҳаммаслакони ӯ ҳақталошӣ карда, ақидаҳои пантуркистон, панэронистон ва панисломистҳоро ботил баровaрда, бо далел ва мисолҳои раднашаванда мавҷудияти халқи тоҷикро исбот кардаанд. Онҳо ниҳоят ҷиддӣ барои худмухтори талош карда, роҳбарияти ҳамонвақтаи Ҳокимияти Шӯравиро бовар кунонданд, ки халқи тоҷик дар Осиёи Марказӣ ҳуқуқи баробар бо дигар қавму миллатҳо дорад ва арзандаи худмухторист. Муборизаҳои сиёсӣ ниҳоят шиддатнок мегузашт, монеаҳо хело зиёд буданд, афроди босаводи озодихоҳ кам буд, вале ақалияти ҳушёру зирак, ватанхоҳу ватандӯст, ҳомии забону таърих мисли айниҳо, ширишоҳҳо новобаста аз ҳуҷуми нобаробари иртиҷоъпарастон пирӯз гардиданд ва худмухториро насиб шуда, барои расидан ба ҷумҳурии мухтор як қадам пеш гузоштанд. Чунин пирӯзӣ масъулияти ватанхоҳонаи Ширишоҳ ва дигаронро зиёд намуд ва онҳоро вазифадор кард, ки боз ҳам фаъол гарданд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва барои расидан ба мақсади ниҳоӣ санаду далел ҷамъ оварда, миёни аҳолӣ кор баранд ва шуури сиёсии тоҷиконро баланд бардошта, адолати таърихиро барқарор намоянд. Барои расидан ба ҳадафҳои собитқадамона Ширишоҳ Шоҳтемур ва ҳамфикронаш аз соли 1924 то соли 1929 ниҳоят заҳмати зиёд кашида, маводи зиёд ҷамъоварӣ намуданд ва ба сохторҳои мавҷуда номаҳои пай дар пай равон карда, мавҷудияти халқи тоҷикро исбот карданд. Таъсиси нахустин рӯзномаи «Овози тоҷик» кори онҳоро боз ҳам осон кард. Тавассути рӯзномаи мазкур мақолаву хабар ва маводи зиёди таҳлилӣ чоп шуда, дар онҳо қадимият ва мавҷудияти халқи тоҷик эътироф мегардид.

Соли 1926 Ширишоҳ Шоҳтемур ба муқобили пантуркистон, ки нисбат ба халқи тоҷик сиёсати шовинистӣ мегузарониданд, баромад карда, дар мактубаш ба номи КМ ВКП (б) ва бюрои осиёимиёнагии КМ ВКП (б) чунин менависад: «Баъди тақсимоти миллии территориявии Осиёи Миёна дар территорияи Ӯзбекистон дар ҷумлаи миллатҳои дигар тахмин 800 ҳазор нафар тоҷикон боқӣ мондаанд, ки бо халқҳои Ӯзбекистон зич алоқаманд мебошанд. Дар республикаи сотсиалистӣ ва дар сурати мавҷуд будани директиваҳои дахлдори Партияи Коммунистӣ дар бораи масъалаи миллӣ хотирнишон кардан ва талаб кардани ин ки ба аҳолии тоҷик диққати махсус дода шавад, бояд ҳайратангез намояд, вале вазъияти ҳозираи онҳо инро талаб мекунад. Ман вазифаи партиявии худ мешуморам, ки диққати КМ ВКП (б)-ро ба як қатор масъалаҳо, аз ҷумла тақдири тоҷикон ҷалб намоям».

Мактуби таърихии Ширишоҳ Шоҳтемур, ки вазъияти воқеии халқи тоҷикро таҷассум мекард, ба ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуд ва барои таъсис ёфтани ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон асос гузошт. Баъди омӯзиши мактуби мазкур комиссияи алоҳида таъсис ёфта, масъалаи ташкили ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон ҷиддӣ ба миён гузошта мешавад.

Ширишоҳ Шоҳтемур ва дигар роҳбарони ҳамонвақта дар ин солҳо ба корҳои ташкилӣ машғул шуда, барои таҳкими пояҳои ҷумҳурии худмухтор ва таъсиси сохтори он талош мекарданд. Пасон, таҳти роҳбарии Ширишоҳ ҷиҳати интихоби пойтахти ҷумҳурии мустақил гурӯҳ таъсис ёфта, якчанд маротиба ба Душанбе сафар менамоянд ва дар ҷойи холӣ аввалин хишти муассисаҳои ҷумҳуриявиро гузошта, барои бунёди пойтахти ояндаи тоҷикон санги асос мегузоранд.

**(Давомаш дар саҳ. 11)**

# АЗ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРӢ ТО

## Мусоҳиба бо Сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии



**- Ҷаноби Сафир, аввалан, хуш омадед ба идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ва вебсайти Pressa.tj.**

- Ба номи Худованди меҳрубон ва бахшоянда, миннатдории амиқи худро ба шумо ҷаноби Шариф изҳор медорам, ки имкон фароҳам овардед, то мусоҳиба анҷом диҳем. Барои ман ташриф ба идораи нашрияи маъруфи "Тоҷикистон" ва мулоқоти мо дар моҳи муборaки Рамазон арзиши вижа дорад. Бо истифода аз ин фурсат, ҳамчунин мехоҳам сипоси худро ба Роҳбарияти мухтарами кишвар, ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон, ҳамаи масъулини Ҳукумат ва мардуми бародари Тоҷикистон, инчунин ба хонандагони шумо низ бирасонам.

**- Барои ман мояи ифтихор аст, ки рӯ ба рӯям рӯзноманигоре қарор доранд, ки фаъолияти дипломатиро пеша кардаанд. Лутфан, ибтидо аз фаъолият ва таҷрибаи рӯзноманигориатон каме маълумот диҳед.**

- Рӯзноманигорӣ танҳо тахассуси ман аст. Алҳамдулиллоҳ, ман фориғуттаҳсили Донишгоҳи исломии ба номи имом Муҳаммад ибни Сауд дар шаҳри ар-Риёз ҳастам, ки дар он рӯзноманигорӣ ва робитаҳои умумиро омӯхтаам. Пас аз хатми донишгоҳ муддате дар ҳамин соҳа кор кардаам ва баъдтар ба Вазорати умури хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ пайвастам. Дар онҷо, тадриҷан дар мансабҳои гуногун фаъолият доштам ва ниҳоят ба мақоми Сафири Ходими Ҳарамайни Шарифайн, шоҳ Салмон ибни Абдулазиз Ал Сауд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудам.

**- Оё огоҳед, ки ҳамтои шумо аз Тоҷикистон, Заробиддин Қосимӣ, ки ҳоло сухангӯи Президенти Тоҷикистон аст, пештар Сафири Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ буд?**

- Бале, аз фаъолиятҳои эшон огоҳам. Заробиддин Қосимӣ яке аз шахсиятҳои барҷаста ва масъул дар ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки дар хориҷа намояндагии кишварашро ба уҳда дошта, таҷрибаи арзишманд дар Арабистони Саудӣ касб кардааст. Бароящ дар вазифаи нав муваффақиятҳо орзумандам. Таъкид мекунам, ки иттилоот ва дипломатия ба ҳамдигар вобастаанд ва ҳар кадом метавонанд дигареро тавонмандтар созанд. Дар фаъолияти дипломатӣ иттилоот нақши муҳиме дорад, зеро он ба шиносоии давлатҳо бо сиёсати хориҷии ҳамдигар, стратегияҳо ва ҳадафҳои сиёсии онҳо кумак мекунад. Дар ин замина, нақши иттилоот дар дипломатия ғайри қобили инкор аст ва ҳар як сиёсати хориҷии муассир ниёзманд ба дастгоҳи иттилоотии мустаҳкам мебошад, ки имкон медиҳад ҷомеаи байналмилалӣ бо дидгоҳҳо, усулҳо ва мақсадҳои кишвар ошно шавад. Ин ҳамкорӣ миёни иттилоот ва дипломатия аст, ки ба мо имкон медиҳад дар саҳнаи байналмилалӣ муносибатҳои мусбат ва ҳамкориҳои судмандро рушд диҳем.

Ҳамчунин, ин таҷриба ва дониши гирифта аз соҳаи рӯзноманигорӣ ва муносибатҳои умумӣ ба ман дар фаҳмидани чӣ гуна метавон иттилоотро барои пешбурди муносибатҳои дипломатӣ ва баланд бардоштани шуҳрати кишвар дар арсаи байналмилалӣ истифода бурд, кумак кард. Дар давраи фаъолиятам шоҳиди он будам, ки чӣ тавр иттилооти дақиқ ва муассир метавонад дар тағйир додани дидгоҳҳо ва эҷоди муносибатҳои нав мусоидат кунад.

**- Қабл аз омадан ба Тоҷикистон онро чӣ гуна медидед?**

- Пеш аз қабул шудан ба мақоми сафир, дар бораи Тоҷикистон маълумоти умумӣ доштам. Медонистам, ки ин кишвар дар дили Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, бо зебоии кӯҳистонаш машҳур аст, ки беш аз 90% масоҳати онро ташкил медиҳад. Аз шунидани гузоришҳо ва хондани мақолот фаҳмидам, ки мардуми Тоҷикистон барои меҳмоннавозии беназир маъруфанд. Сайёҳони зиёде аз Арабистони Саудӣ, ки ба ин сарзамин сафар кардаанд, аз ин хислати хуби мардуми Тоҷикистон ситоиш кардаанд.

**ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ, КИ МЕХОҲАНД АЗ ЭҲСОСОТИ ДИНИИ ҶАВОНОН СӮИИСТИФОДА КУНАНД, БА ҲЕҶ ВАҶҲ БО АРЗИШҲОИ АСЛИИ ИСЛОМ, КИ ДИНИ МИЁНАРАВӢ, ТАҲАММУЛ ВА МУҲАББАТ АСТ, МУВОФИҚАТ НАМЕКУНАД.**

Баъди ба даст овардани Истиқлол, беш аз се даҳсола шуд, ки Тоҷикистон дар масири рушди худ қадам мезанад. Ҳангоми омаданам ба ин ҷо, дидам, ки кишвар зери раҳнамоии раҳбари мухтарамаш, Президент Эмомалӣ Раҳмон пешрафтҳои бузургеро ба даст овардааст. На танҳо дар пойтахт, балки дар ҳамаи нуқтаҳои кишвар шоҳиди тағйирот ва рушд ҳастам. Воҳӯрдан бо масъулони давлатӣ ва шунидани барномаҳо ва лоиҳаҳои рушди онҳо, ки аз дастуру роҳнамоиҳои Роҳбарияти олӣ илҳом мегиранд, нишондиҳандаи таҳкими асосҳои давлатдории мусоир ва ҷиҳатдори стратегии рушд дар Тоҷикистон мебошад. Барои ҳамаи ин талошҳо ва дастовардҳо, бароящон пешрафтҳои бештарро таманно дорам.

**- Ҷаноби Сафир, арзи эҳтиром ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ки дар қалби ҷаҳони ислом қарор дорад ва чун манбаъ ва маркази тағйирот ва рушд дар ҷомеаи исломӣ шинохта шудааст. Мо феълан дар моҳи муборaки Рамазон қарор гирифтаем. Дидгоҳи шуморо дар бораи ин моҳи муқаддас ва ҷойгоҳи он дар ислом чӣ гуна метавон арзёбӣ кард?**

- Дар ҳақиқат, моҳи Рамазон, ки моҳи нузули Қуръон, моҳи раҳмат, мағфират ва таҳаммулпазирӣ шинохта мешавад, беҳтарин давраи сол барои мусалмонон аст. Ин моҳ на танҳо дар бораи парҳез аз хӯрок ва нӯшидан аст, балки инчунин замоне барои тафаккур дар бораи рафтор ва ахлоқи худ, дурӣ ҷустан аз кирдорҳои номатлуб ва поксозии қалб аз ҳар гуна кин ва адоват аст. Президент Эмомалӣ Раҳмон низ дар ин замина таъкид ба аҳамияти таҳаммулпазирӣ ва амалҳои нек кардаанд, ки ин баёни эҳтимоми мо ба пайравӣ аз арзишҳои исломӣ ва тақвияти ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа аст. Дар ин моҳи муқаддас, аз Худованд дархости онро дорам, ки бар мо ва ҳамаи уммати исломӣ файзу баракати ин моҳро ато фармояд.

**- Ҳангоми як суханронӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зоҳирпарастӣ ва зиёдаравии ақидаҳои нодуруст дар миёни ҷавонон ишора карданд ва таъкид намуданд, ки ин роҳ онҳоро ба гумроҳӣ мебарад, латма ба обрӯи ислом мезанад, водор ба корҳои ношоиста, ифротгароӣ ва терроризм месозад. Аз нигоҳи шумо, чӣ гуна ин зуҳуротро метавон решакан кард?**

- Фаҳмондадиҳии маърифатӣ дар ҷомеа нақши муҳим дорад, ба вижа дар роҳи мубориза бо зуҳуроти номатлубе чун ифротгароӣ ва терроризм. Таълим ва тарбияи дуруст, ки аз хонадон оғоз ва дар мактабу масҷид идома меёбад, метавонад дар шаклгирии дидгоҳи мусбат ва солими ҷавонон нисбат ба ҷаҳон ва арзишҳои исломӣ нақши калидӣ дошта бошад. Ифротгароӣ ва терроризм, ки мехоҳанд аз эҳсосоти динии ҷавонон сӯиистифода кунанд, ба ҳеҷ ваҷҳ бо арзишҳои аслии ислом, ки дини миёнаравӣ, таҳаммул ва муҳаббат аст, мувофиқат намекунад.

Кишвари мо, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ки маркази исломӣ ва макони муқаддаси мусалмонон аст, дар пешбурди мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ таҷрибаи бой дорад. Ин таҷриба дар дохил ва хориҷи кишвар, аз ҷумла дар чорҷӯбаи фаъолиятҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ ва дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, барои ҳамгироии фаъолиятҳо дар мубориза бо ин падидаҳои номатлуб корбурд шудааст.

Суханронии мухтарам Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки ба зоҳирпарастӣ ва зиёдаравии ақидаҳои нодуруст дар миёни ҷавонон ишора карданд, нишондиҳандаи таваҷҷуҳи давлат ба масъалаи тарбия ва маърифат аст. Таълими исломи муътадил ва асосӣ, ки бар арзишҳои раҳмат, меҳрубонӣ ва таҳаммул таъкид мекунад, роҳи муассири муқобила бо чолишҳои бузурги ҷомеа, аз ҷумла ифротгароӣ ва терроризм мебошад. Ҳамкории ҳамаҷонибаи давлат, ҷомеа ва ниҳодҳои динӣ дар ин раванд нақши муҳимро бозӣ мекунад.

**- Оё дуруст аст, ки Арабистони Саудӣ нисбат ба ҳаҷраварон маҳдудиятҳо ҷорӣ кардааст?**

- Ин маҳдудият ё шарт нест, балки он танзими ҳаҷи ҳоҷиён дар макони муқаддас аст. Ҳаҷ рукни панҷуми Ислом мебошад. Ҳама медонанд, ки ҳар давлат ниҳоди дахлдори худро дорад, ки он фаъолияти худро бо ниҳодҳои дахлдори Арабистони Саудӣ барои ба тартиб овардани ҳаҷ ҳамоҳанг мекунад. Барои ҳоҷиён кишвари ман маҳдудият ҷорӣ накардааст, ҳоҷиёнро давлаташон интихоб мекунад. Аммо давлати мизбон танҳо хизматрасонӣ ба онҳоро дар мавсими ҳаҷ ба танзим меорад, то маносики ҳаҷро осон анҷом диҳанд. Ниҳодҳои саудӣ ба онҳо маскану нақлиёт фароҳам меоранд ва аз қудум то бозгашт масъулияти ҳоҷиёнро бар дӯш мегиранд. Маносики онҳоро бо ниҳодҳои давлаташон танзим мекунанд. Дар Тоҷикистон Кумитаи дин фаъолият дорад, ки он ҳар сол бо ҳамтоёни саудии худ роҷеъ ба ташкили ҳаҷ ва таъмини хизматрасонии ҳоҷиёни Тоҷикистон ҷаласаҳо баргузор мекунад, ҳамчунин корро ниҳодҳои дигар давлатҳо анҷом медиҳанд.

**- Ҷаноби Сафир, калимаи ҳоҷӣ дар Тоҷикистон ба рутба табдил ёфтааст. Онҳое, ки ҳаҷ мекунанд, худро аз дигарон фарқ мегузоранд. Ҳоҷиталбону ҳоҷиошӣ, ҳоҷигаштак ба ҳукми анъана даромадааст.**

# ШИКАСТИ ДЕВОРИ ХУРОФОТ

## Тоҷикистон Валид ибни Абдурраҳмон ар-Рушайдон



**Нигоҳи шумо чист?**

- Ин гуна анъана на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар баъзе аз кишварҳои исломӣ низ мушоҳида мешавад. Баъди бозгашт аз ҳаҷ маросими истиқбол дар фурудгоҳҳо ташкил мекунанд, зиёфатҳо меоранд. Воқеан, ин барои ҳоҷӣ шараф аст, ки Худованд онро насибаш гардонид. Ин ҳама аз урфу одатҳои халқҳост, вале зиёдаравӣ дар ин анъанаҳо метавонад зиёни иқтисодӣ ба бор оварад, ки он хилофи арзишҳои ҷомеа мебошад. Ҳатто динамон дар чунин корҳо исрофкориро манъ кардааст. Эътидол дар ин анъанаҳо шарт ва зарур аст. Ҳарчанд ин ҳама урфу одати мардум аст, ки шодии ҳоҷӣ ва наздиконашро баён мекунад.

**- Дар кишвари шумо ҳам чунин анъана вуҷуд дорад?**

- Кам, хеле кам.

**- Худатон чанд бор ҳаҷ кардед?**

- Як маротиба. Дар низоми дохилии мо ба ҳоҷӣ барои ҳаҷ баъди ҳар 5 сол як маротиба иҷозат медиҳанд, то дигарон тавонанд фаризаи ҳаҷро анҷом диҳанд.

**- Аммо дар мо ҳар сол ба ҳаҷ мераванд. Ин одатро чӣ гуна шарҳ медиҳед?**

- Ин масъалаи дохилист. Интихоби ҳоҷиён аз салоҳдиди Кумитаи дин аст.

**- Либосе, ки дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мепӯшанд, либоси миллист ё исломӣ?**

- Либоси миллист. Номаш либоси анъанавии саудӣ. Либоси исломӣ пештар аз либоси саудӣ фарқ мекард, вале ин либоси саудист, ки аз ниёгонамон аз давраи таъсиси Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ин ҷониб мепӯшем ва он куртаи дароз, рӯймол ва сарбанди мӯина бо шаклҳои мухталиф.

**- Арабистони Саудӣ чӣ қадар аҳолӣ дорад?**

- Тақрибан 34 миллион, аз он 12 миллион муҳоҷирони хориҷӣ мебошанд.

**- Аз Тоҷикистон низ муҳоҷирони меҳнатӣ ҳастанд?**

- Бале, тақрибан 400-500 нафар. Мо тавассути ҷаласаҳои байниҳукуматии дуҷониба кӯшиш дорем, ки бо ташкили давраҳои омӯзишӣ шароити кории шаҳрвандони Тоҷикистонро фароҳам орем. Вақтҳои охир ширкатҳои саудии калон дар Шоҳигарӣ барои бастани қарордоди меҳнатӣ бо Тоҷикистони бародар таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, хусусан дар соҳаи сохтмон. Худо хоҳад, дар оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ афзоиш хоҳад ёфт.

**ДУ ЛОИҲАИ МУҲИМ ТОҶИКИСТОНРО АРАБИСТОНИ САУДӢ БА ТОЗАГӢ МАБЛАҒГУЗОРӢ КАРД. АВВАЛИН ЛОИҲА МАБЛАҒГУЗОРИИ НБО-И "РОҒУН" МЕБОШАД, КИ МАБЛАҒИ ОН 100 МИЛЛИОН ДОЛЛАРРО ТАШКИЛ МЕДИҲАД. ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ НАХУСТИН КИШВАРЕАСТ, КИ БА ИН ЛОИҲАИ СТРАТЕГИИ ЗЕРИ ДИҚҚАТИ РОҲБАРИЯТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН САРМОЯГУЗОРӢ НАМУДААСТ.**

**- Ҷаноби Сафир, дар бораи муносибатҳои дуҷониба байни Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон чӣ назар доред? Имрӯз дар кадом бахшҳо фаъолият муассир аст?**

- Ҳоло ҳамкориҳо ва муносибатҳои дуҷонибаи ду кишвари бародари Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон шоҳиди ҳамкориҳои барҷаста дар тамоми сатҳҳо мебошад. Ҷаласаи сеюми Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ моҳи декабри соли 2022 дар пойтахти Тоҷикистон баргузор шуд. Ҳоло омодагӣ барои баргузории давраи чаҳоруми ин Комиссияи байниҳукуматии муштарак дар шаҳри ар-Риёз - пойтахти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҷараён дорад. Лоиҳаи созишномаҳои зиёде дар самтҳои гуногун барои имзо омода шудаанд. Баъзеи дигар мавриди омӯзиш қарор доранд. Дар сатҳи густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои илму маориф низ ҳамоҳангӣ вуҷуд дорад. Илова ба даври машваратҳои сиёсӣ, ки дар ин ҷо дар Душанбе баргузор шуд ва даври дигар дар ар-Риёз баргузор мешавад, кор дар ин самтҳои ҳамкорӣ аз хоҳиши муштараки Роҳбарияти ду кишвар, дастурҳои Роҳбарият дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ вобаста аст. Инчунин, ман дар ин ҷо дастурҳои Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бораи таҳкими ҳамкорӣ ва пешрафт дар самти ноил шудан ба ҳамкорӣ ба нафъи ду кишвар ва миллати бародар эҳсос кардам.

**- Ҷаноби Сафир, кадом лоиҳаҳои муҳимро Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон пеш мебарад?**

- Дар ҳоли ҳозир, маҷмуи лоиҳаҳо мавҷуданд, ки аз сӯи Бунёди Саудии Рушд, ки соли 2002 дар Тоҷикистон таъсис ёфтааст, дастгирӣ мешаванд. Ду лоиҳаи муҳимро, ки ба тозагӣ маблағгузорӣ шудаанд, меҳоҳам муаррифӣ кунам. Аввалин лоиҳа маблағгузории НБО-и "Роғун" мебошад, ки маблағи он 100 миллион долларро ташкил медиҳад. Мо бо ифтихор эълон медорем, ки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ нахустин кишвареаст, ки ба ин лоиҳаи стратегии зери диққати роҳбарияти олии Тоҷикистон сармоягузорӣ намудааст.

Дигар лоиҳа, ки марҳилаи панҷуми сохтмони мактабҳоро дар бар мегирад, бо маблағи 20 миллион доллари амрикоӣ таъмин шудааст, ки ҳаҷми умумии маблағгузориро Бунёди Саудии Рушд дар соҳаи маориф тақрибан 300 миллион доллар мерасонад.

Ҳамзамон, лоиҳаҳои башардӯстона, ки Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи Шоҳ Салмон амалӣ кардааст, аз қабили тақсими сабадҳои озуқаворӣ дар моҳи Рамазон мавҷуданд, ки имсол 7427 сабад ба маблағи 400 000 доллари амрикоӣ ба шаҳрвандони Тоҷикистон тақсим ҳоҳанд шуд. Мо инчунин дар фаъолиятҳои назоратӣ ва ҳамоҳангӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ барои тақсими маводҳои имдодӣ ба осебдидагони заминларза фаъолона иштирок мекунем. Бар замми ин, ташаббусҳои сармоягузорӣ миёни ду кишвар дар чорчӯбаи Форуми сармоягузории Душанбе ва таъсиси Шӯрои соҳибкорон, ҳамчунин сафарҳои мутақобил байни ду кишвар дар ҳоли омодасозӣ қарор доранд.

**- Ташаккур барои ташриф ва посух ба саволҳо.**

- Мо ҳамеша омодаем минбаъд низ ба ҳар суоле ё пурсише, ки ба миён меояд, посух диҳем. Барои фароҳам овардани фурсат ва ин суҳбат ба шумо арзи сипос менамоям.

**Мусоҳиб:**
**Шариф ҲАМДАМПУР**

## РОҲ БА СӮИ ТИЁНШОН

**Шаҳри Душанбе охири моҳи май мизбони конфронси байналмилалии «Роҳ ба сӯи Тиёншон» мегардад.**

Аз Вазорати нақлиёти Тоҷикистон иттилоъ медиҳанд, ки дар конфронси байналмилалӣ роҳбарони мақомоти соҳаи нақлиёти давлатҳои хориҷи дуру наздик ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок менамоянд. Дар ҳошияи конфронс масъалаҳои ҳамлу нақли байналмилалӣ, инчунин баргузор намудани мулоқот бо масъулини давлатҳои хориҷӣ, мушкилоти вобаста ба таҳвили таҷҳизот ва бору коло тавассути хатсайрҳои амалкунанда ва нав баррасӣ мегарданд.

## СУҒД ТОҶИРОНИ МИНТАҚАРО МУТТАҲИД МЕКУНАД

**17-19-уми июни соли 2024 дар Муассисаи давлатии «Қасри варзиш»-и шаҳри Хуҷанд Намоишгоҳи X байналмилалии савдо «Суғд-2024» гузаронида мешавад.**

Ёдовар мешавем, ки соли 2023 дар Намоишгоҳи IX байналмилалии савдо «Суғд-2023», ки 22-24-уми июн доир гардида буд, 500 меҳмон аз Федератсияи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Беларус, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Туркия, Арабистони Саудӣ ва Кореяи Ҷанубӣ иштирок намуданд.

## 2.500 МОШИН ДАР АНБОР

**Аз Хадамоти гумруки Тоҷикистон хабар медиҳанд, ки 2,5 ҳазор мошини кӯҳна ё соли истеҳсолашон то 2013 дар сарҳад дармондааст ва бояд дар кишварҳои дигар фурӯхта ва ё ба қисмҳои эҳтиётӣ табдил дода шаванд.**

Хадамоти гумрук ба соҳибони ин мошинҳо ду роҳ пешниҳод кардааст: ё нақлиётро ба кишварҳои дигар баранду фурӯшанд ва ё ба қисмҳои эҳтиётӣ тақсим кунанд. Ҳарду роҳ, ба гуфтаи соҳибкорон, бар зарари онҳост. Соҳибони мошинҳо аз мақомот як фурсати дигар меҳоҳанд, то муфлис нашаванд.

ММА

# ҶАҲОНГИР ТОИРОВ
## МЕХОҲАД БА UFC РОҲ ЁБАД

**Хабар расид, ки паҳлавони қавибозуи тоҷик Ҷаҳонгир Тоиров дар ИМА дар вазни 77 кг бо мағлуб кардани се нафар унвони қаҳрамонӣ ба даст овардааст.**

Ҷаҳонгир Тоиров дар як суҳбати катбӣ бо мо ҷузъиёти ин қаҳрамонии фараҳбахшро кушод ва изҳори хушҳолӣ кард. “Аз иштирок ва ғолибият дар мусобиқоти НАГО, ки дар Денвери Колорадо гузашт, ифтихор дораму беандоза рӯҳбаландам”,- гуфт ӯ.

Паҳлавони тоҷик бар ин назар аст, ки иштироку ғолибият дар мусобиқаҳо ва боло кардани Парчами давлативу садо додани Суруди миллӣ ба шарафи варзишгар боиси ифтихор аст.

- Аввалан, бо Ватан фахр мекунам, зеро қадамҳои аввалинро ба варзиш маҳз дар ҳаминҷо гузоштаам. Дар риштаи муҳорибаҳои юнону румӣ машқ мекардаму ба ММА, ба толори варзишии “Динамит” даъват карданд, ки тахти назорати Аъзам Хокиров ва Аҳтам Хокиров тамрин намудам. Ин қадамҳои аввалини ман буд барои ба мусобиқаи дохилии Тоҷикистон роҳ ёфтану муваффақ гаштан ва баъдан оғоз кардани фаъолият дар Осиёву берун аз марзи кишвар,- афзуд Ҷаҳонгир Тоиров.

Ҳамсуҳбатамон бо қаноатмандӣ аз фаъолияти худу кумакҳои Аъзам Хокиров ва Аҳтам Хокиров мегӯяд: “Аз устодони варзиш, бародаран Хокировҳо миннатдорам, ки маро ба чунин сатҳ расониданд”.





Ҳамзамон, мавсуф меафзояд, ки “акнун мехоҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ дар мусобиқаҳо иштирок кунам ва орзуи ман ба UFC расидан аст”.

Бояд гуфт, ки ғолибияти паҳлавони тоҷик Ҷаҳонгир Тоиров дар Денвери Колорадо қаҳрамонии аввал нест. Моҳи ноябри соли 2017 шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон макони баргузории Гран При оид ба самбои муҳорибавӣ интихоб шуд. Қатори дигар варзишгарони тими мунтахаби Тоҷикистон Ҷаҳонгир Тоиров ҳам ба ин мусобиқаи байналмилалӣ сафарбар ва бо шикаст додани 2 рақиб (Санҷар Қодиров - Ӯзбекистон ва Сангал Жапаров - Қирғизистон) барандаи медали тилло гардид. Ин аввалин медали тиллои ӯ аз мусобиқоти байналмилалӣ маҳсуб мешуд.

Инчунин, мусобиқоти ММА миёни варзишгарони касбӣ моҳи марти соли 2019 дар Ҷумҳурии Доғистони Русия доир гашт, ки Ҷаҳонгир дар он дар вазни то 65 кг баромад намуда, рақибони хешро мағлуб кард.

Моҳи феврали соли 2021 бошад, дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия дар нabарди қаҳрамонҳои ҷаҳон оид ба греплинг дар вазни 68 кг баромад намуда, 3 ҳарифи худро мағлуб кард ва дар зинаи аввал қарор гирифт.

Ҷаҳонгир Тоиров мутаваллиди соли 1993, хатмкардаи гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсӣ ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, оиладор ва соҳиби ду фарзанд аст.

**Назрӣ МУРОДОВ**

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

# МУСОВИИ ТОҶИКИСТОН БО АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР ДУШАНБЕ



**Дастаи мунтахаби Тоҷикистон таҳти роҳбарии мутахассиси гурҷӣ Гела Шекиладзе дар бозии чоруми даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурӯҳи «G» бо тими Арабистони Саудӣ мусовӣ кард.**

Ин вохӯрӣ 26-уми март дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор шуда, бо ҳисоби 1:1 анҷом ёфт. Ҳисобро нахуст меҳмонон бо голи Фирас Ал-Бурайкан дар дақиқаи 46-уми қисми дуюм боз карданд.

Дар дақиқаи 80-уми бозӣ Рустам Соиров аз ирсоли головари Амадонӣ Камолов истифода бурда, ҳисобро баробар кард. Бо ҳамин натиҷа бозии дастаҳои Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ анҷом ёфт.

Дар бозии дигари ҳамин давр дар ин гурӯҳ дастаи Урдун бо ҳисоби бузурги 7:0 бар Покистон пирӯз шуд.

Ҳоло пас аз се даври марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дастаи мунтахаби Арабистони Саудӣ бо 10 имтиёз дар гурӯҳи «G» пешсаф аст. Дастаи Урдун бо 7 имтиёз дуюм аст. Тоҷикистон панҷ хол дорад. Футболбозони Тоҷикистон дар бозии аввал бо Урдун мусовӣ (1:1) карда, дар бозии дуюм бар Покистон (1:6) зафар ёфта, дар бозии сеюм аз Арабистони Саудӣ (1:0) мағлуб шуда буданд.

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

# МУНИРА АБДУСАЛОМОВА РОҲХАТИ БОЗИҲОИ ОЛИМПИРО БА ДАСТ ОВАРД

**Дар кишвари Чин мусобиқаи интихобии олимпии таэквондо дар қораи Осиё баргузор гардид, ки дар он варзишгарбонуи тоҷик Мунира Абдусаломова дар вазни +67 кг роҳхати Бозиҳои олимпии Порис-2024-ро ба даст овард.**

Ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз 3 варзишгар - Муҳаммадҷон Суннатов дар вазни то 68кг, Моҳрӯ Ҳалимова дар вазни то 67кг ва Мунира Абдусаломова дар вазни +67кг барои иштирок ба мусобиқаи интихобии олимпӣ дар Чин иборат буд.

Варзишгарон дар хашт вазн - 4 вазн байни мардҳо ва 4 вазн байни духтарон талош карданд. Тибқи низомнома, дар ҳамаи вазнҳо ду роҳхат ба варзишгароне, ки ба финал мебароянд, дода шуд.

Дар рӯзи якуми мусобиқа Муҳаммадҷон Суннатов дар вазни то 68 кг ва Моҳрӯ Ҳалимова дар вазни то 67 кг дар даври аввали мусобиқа мағлуб гардида, аз идомаи рақобатҳо бенасиб монданд.

Мунира Абдусаломова дар рӯзи дуюми мусобиқаи интихобӣ дар Чин бар намояндагони Аморoти Муттаҳидаи Араб ва Қазоқистон пирӯз гашта, ба финал баромад ва соҳиби роҳхати олимпӣ шуд.

Ин чорумин роҳхати олимпии варзишгарони тоҷик аст. Қаблан Миҷгона Самадова, Давлат Болтаев ва Баҳодур Усмонов дар намуди бокс роҳхати Бозиҳои олимпиро ба даст оварда буданд.




РЕЗААХБОР

Ҳамаи дастаҳои ширкаткунандаи Чемпионати футболи Аврупо маълум шуданд. Гурҷистон, Лаҳистон ва Украина дар бозиҳои ҳамроҳшавӣ пирӯз шуданд. Лаҳистон дар гурӯҳи «D» бо Фаронса, Австрия ва Нидерланд, Украина дар гурӯҳи «E» бо Маҷористон, Белгия, Словакия ва Гурҷистон дар гурӯҳи F бо дастаҳои Португалия, Чехия, Туркия бозӣ мекунанд. Чемпионати Аврупо 2024 аз 14-уми июн то 14-уми июли соли 2024 миёни 24 дастаи мунтахаб дар 10 шаҳри кишвари Олмон баргузор мегардад.

***

Сармураббии нави клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе мутахассиси 46-солаи серб Никола Лазаревич таъйин карда шуд. Муҳлати шартномаи ҳамкорӣ бо мураббӣ як солро дар бар мегирад. Ба ӯ ҳамватанонаш Предраг Пешич ва Ҷорҷи Коралич ёрӣ мерасонанд. Ҳамчунин Лазаревичро дар «Истиқлол» собиқ сарвони даста Дилшод Восиев кумак хоҳад кард. Мутахассиси рус Дмитрий Тяпушкин корашро бо дарвозабонҳо идома медиҳад.

***



Мурило Соуза, нимҳимоятгари бразилиягӣ ва Рустам Соиров, ҳуҷумкунандаи тоҷик бо «Истиқлол»-и Душанбе шартнома бастанд. Мурило дастпарвари тими футболи «Крузейро» (Бразилия) мебошад. Таҷрибаи бозӣ дар чемпионатҳои Бразилия, Арабистони Саудӣ, Португалия ва Украинаро дорад. Рустам Соиров, ки ду мавсими охир дар чемпионатҳои футболи Эстония ва Ӯзбекистон ҳунарнамоӣ мекард, ба дастаи собиқи худ баргашт. Шартномаи бразилӣ то охири ҳамин мавсим аст, қарордоди Соиров то охири соли 2025 аст.

***

Ба дастаи мунтахаби навраcони футболбози Тоҷикистон (U-17) ва дастаи мунтахаби ҷавонони футболбози Тоҷикистон (U-20) мураббиҳои хориҷӣ даъват шуданд. Мутахассиси 56-солаи итолиёвӣ Марко Рачини сармураббии нави дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) таъйин шуд. Мутахассиси 52-солаи словенӣ Милош Костич сармураббии нави дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) таъйин шуд.

# СИМОИ МУАССИРИ ТАЪРИХ

(Аввалаш дар саҳ.7)

Онҳо бо аспу ароба аз Самарқанду Тошкент лавозимоти кориро меоварданд ва барои бунёди иншооти давлатӣ иқдом мегирифтанд. Ҳамзамон чопи рӯзномаву маҷаллаҳоро назорат карда, дар таҳия ва чопи мақолаҳои озодандешона мусоидат менамуданд. Ба ғайр аз ин миёни аҳолӣ таблиғот бурда, бо маърӯзаҳои инқилобӣ ва ватандӯстона баромад мекарданд ва барои босавод кардани аҳолӣ чиҳати таъсиси мактабҳои маҳви бесаводӣ талош меварзиданд.

Бешак, хидмати Ширншоҳ Шоҳтемур дар ҳамон давра фароҳ ва доманадор буда, ӯ ташкилотчии бомаҳорат ба ҳисоб мерафт ва дар ҳалли масъалаҳои душвортарин мусоидат менамуд. Доир ба ин паҳлуи шахсияти Шириншоҳ Шоҳтемур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад: «Маҳорати баланди ташкилотчигии Шириншоҳ Шоҳтемур ҳангоми адои вазифаҳои душвор дар ҷорӣ намудани арзишҳои нави ҳаёти иҷтимоӣ, барҳам додани бесаводии омма, наҷот додани аҳолӣ аз гуруснагӣ, тарбияи кадрҳои ҷавон, рушди заминаҳои фарҳанги миллӣ, таҳкими мақому манзалати зан дар ҷомеа, бунёди сохтори маориф, рушди хизматрасонии тиббӣ ва монанди инҳо бараъло зоҳир мегардид».

Дар воқеъ, саҳми Шириншоҳ Шоҳтемур баробари ташкил намудани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон инчунин дар поягузории матбуоти тоҷик бениҳоят бузург буда, маҳз бо кӯшиши ӯ ва дигар зиёиёни бедордили тоҷик нахустин рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ - «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Раҳбари дониш» таъсис ёфтаанд.

Хидмати Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамзамон дар нашри асари мондагори устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», ки дар ҳимояи манфиатҳои милливу фарҳангии тоҷикон аҳамияти ҳалкунанда бозид, назаррас мебошад. Маҳз бо пешниҳоди Шириншоҳ Шоҳтемур устод Айнӣ ба кори ниҳоят сангин, вале пурифтихор даст зад ва дар як муддати кӯтоҳ барои исботи қадимияти халқи тоҷик ва соҳиби девону дафтар будан тазкираи арзишмандро таълиф кард ва рақибони сиёсии замонро хушдор сохт, ки тоҷикон қавми бумӣ буда, забон, фарҳанг ва адабиёти куҳан доранд ва тайи ҳазорсолаҳо дар Мовароуннаҳр сукунат мекунанд. Тазкираи мазкур асос шуд, ки ҳастии халқи тоҷик таърихан исбот шавад ва талошҳои ғаразноки гурӯҳҳои миллатчиёни ҳангомаҳоҳ барбод равад.

Шириншоҳ Шоҳтемур ба таърих, санъат, фарҳанг ва адабиёти халқаш эҳтироми хоса дошт ва дар ин самт корҳои шоистаеро ба анҷом расонида, ба бузургони гузаштаи адабиёту санъат арҷ мегузошт.

Соли 1934 бо ташаббуси Шириншоҳ Шоҳтемур ҷашни 1000-солагии Ҳаким Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе таҷлил гардид. Дар ҷумҳурӣ якчанд рисолаҳои илмӣ чоп шуда, мақолаҳои зиёд дар бораи шахсияти Фирдавсӣ ва ҳамасрони ӯ интишор шуданд. Бо ин восита мардуми тоҷик бештар ба мазмуну мундариҷаи достонҳои «Шоҳнома» ошноӣ пайдо карда, маҳбубияти шоир дар миёни халқ бештар гардид. Устод Айнӣ яке аз аввалинҳо шуда, барои муаррифии шахсияти Фирдавсӣ рисолаеро бо номи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» таълиф кард ва нақши адиби ватандӯстро дар зинда нигоҳ доштани таърих ва осори қадимаи халқи тоҷик беназир донист.

Дар замоне ки номи тоҷик аз дафтару девон ва ҳатто забонҳо афтода буд ва аксари тоҷикон тахти таъқиби шадид қарор доштанд, Шириншоҳ Шоҳтемур барин фарзандони нотарсу далер худро боифтихор тоҷик эълон карданд ва миллату забонашонро ҳифзу ҳимоя намуданд. Вай дар ҳама ҳолат як посух дошт: «Дар кӯчае бошам, бо тоҷикон бошам». Ин шиори ватандӯстона то лаҳзаҳои охирини умр ҳамроҳ ва ҳамқадами ӯ буд ва ҳастиаш бо ҳастии миллату забонаш пайванд гардида, қалбаш мисли дили Данко барои Ватан дар тапиш буд.

Воқеан, Шириншоҳ Шоҳтемур ягона шахсе буд, ки пас аз пирӯзии болшевикон дар Бухоро барои дифоъи ҳуқуқи тоҷикон аз ҷониби Кумитаи инқилобии шӯравӣ ваколатдор гардид ва ҳамчун мудири бахши тоҷикии Шуъбаи ақаллиятҳои миллии Кумитаи инқилобии Тошканд дар шароити сахти табартаксими худуди миллӣ бо матонату ҷасорат барои таъсиси давлати тоҷикон мубориза бурд.

Шириншоҳ Шоҳтемур инсони матинрода, сарсупурдаи Ватан ба ҳомии роҳи озодӣ ба ҳисоб рафта, хизматҳои арзандаеро барои халқаш ба анҷом расонидааст. Гарчанде ҳасадхӯрону киначӯён ӯро ба миллатчигӣ гунаҳгор карда, қурбони тӯҳмати ноҳақ гардониданд, вале ӯ наҳаросида, то охир дар ақидааш устувор монд ва номи тоҷик ва забони тоҷикиро чун гавҳараки чашм ҳифз намуд. Охири солҳои панҷоҳум Шириншоҳ сафед шуда, мисли ҳазорҳо тан сарсупурдагони роҳи озодӣ ва истиқлолиятхоҳ аз бадномӣ раҳо ёфт. Боз аз сари нав кору пайкори онҳо вирди забонҳо гардид.

Хушбахтона, хидматҳои шоистаи Шириншоҳ Шоҳтемур ва бисёре аз ҳамсафони ӯ баъди ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ қадр шуда, кору фаъолият ва заҳматҳои кашидаи онҳо аз мадди назари роҳбарияти олии кишвар дур намонд. Махсусан, бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми ин шахсияти таърихӣ баланд бардошта шуд. Ба ин хотир дар ҷумҳурӣ 100-солагии Шириншоҳ Шоҳтемур таҷлил гардид ва хидматҳояш паз аз гузашти солҳо бо ордени «Дӯстӣ» қадрдонӣ шуд. Ба хотири таҷлили ҷашни бошукӯҳи чеҳраи барҷастаи таърихӣ Шириншоҳ Шоҳтемур Сарвари давлат ба шаҳри Хоруғ сафар намуда, дар миёни фаъолон ва сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баромад намуд. Дар ин суханронӣ эълон намуданд, ки барои пос доштану абадӣ гардонидани хотираи Шириншоҳ Шоҳтемур Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи ӯ гузошта шавад. Пасон, дар маросими пардабардорӣ аз пайкараи Шириншоҳ Шоҳтемур дар Боғи марказии шаҳри Хоруғ иштирок карда, дар назди муҷассамаи вай гулчамбар гузоштанд. Ба ғайр аз ин, Сарвари давлат соли 2006 хидматҳои таърихӣ ва ҷоннисории фарзанди барӯманди халқи тоҷик Шириншоҳ Шоҳтемурро ба назар гирифта, ба вай унвони олии Ватан - Қаҳрамони Тоҷикистонро сазовор донистанд. Бо чунин иқдом Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо хизматҳои шоистаи Шириншоҳ Шоҳтемурро қадрдонӣ карданд, балки армонҳои шикастнопазири ӯро аз нав зинда намуданд.

Соли 2019 Сарвари давлат ташаббуси роҳбарияти вилоятро дастгирӣ карда, нақшаи чорабиниҳоро ба муносибати 120-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон - Шириншоҳ Шоҳтемур дастгирӣ намуданд ва дар ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилоят якчанд маъракаҳои муҳим роҳандозӣ шуданд. Байни мактаббачагони вилоят озмуни иншои беҳтарин доир ба шинохти шахсияти таърихӣ доир гардид. Театри шаҳри Хоруғ спектакл оид ба корнамоии Шириншоҳ Шоҳтемурро омода карда, дар маркази ноҳияҳои вилоят онро ба маърази тамошо гузошт. Инчунин доир ба шахсияти Шириншоҳ Шоҳтемур рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ интишор шуда, дар шаҳри Хоруғ конфронси ҷумҳуриявӣ оид ба мақоми барҷастаи Шириншоҳ Шоҳтемур дар бунёди давлатдории тоҷикон доир гардид.

Дар ин конференсия бори дигар таъкид шуд, ки хидматҳои Шириншоҳ Шоҳтемур дар таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон беназир буда, кору пайкори шоистаи ӯ ҳеҷ гоҳ аз хотираи халқи тоҷик дур намегардад.

Бешак, Шириншоҳ Шоҳтемур яке аз фарзандони барҷастаи халқи тоҷик буд, ки дар солҳои мудҳиши аввали садаи бистум ҷонбозиҳо карда, парчами миллӣ ва номуси ватандориро баланд бардошт, халқашро аз хатари нестшавӣ ҳимоя намуд ва бо дастгирии ҳамсафону ҳамфикронашон адолати таърихиву сиёсиро дар ҷумҳуриамон барқарор кард. Ҳамин андешаҳои моро Ато Мирхоҷа дар мисраъҳои зерин боз ҳам самимона ифода карда, мегӯяд:

*На зиндааш талаби қасру ҳур*
*кард зи халқ,*
*На мурдааш талаби ҷӯбу гӯр*
*кард зи халқ.*
*Барои зиндаи мо по*
*фишурд Шириншоҳ,*
*Барои мурдаи мо ҷон*
*супурд Шириншоҳ.*

Дар ҳақиқат, зиндагиномаи Шириншоҳ Шоҳтемур барои насли имрӯзу фардо мактаби бузурги хештаншиносӣ ва ҷавонмардӣ боқӣ монда, ҷасорату матонат ва ифтихори миллиаш ҳамчун намунаи барҷастаи камолоти инсони ватандӯст дар хотираи халқ абадӣ нақш мебандад.

Ёдаш ба хайр бод!

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**
**академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**



*Ширишоҳ Шоҳтемур дар ҳайати Комиссияи маҳви босмачигарӣ дар вилояти Кӯлоб, соли 1926*



*Ширишоҳ Шоҳтемур бо устод Садриддин Айнӣ*



*Аз чап ба рост: С.Шадунс - Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон, Ш. Шоҳтемур - раиси КИМ Тоҷикистон, (сеюмӣ ношинос) ва А. Исмоилов - Котиби дуюми КМ ҲК Тоҷикистон*

# ПАРҲЕЗ АЗ ПУРХӮРӢ

## Сирри солимӣ дар Рамазон



**Саломатӣ ганҷи бебаҳост ва ҳар як инсон бояд ҳамеша барои солим мондан талош намояд. Ғизое, ки кас истеъмол мекунад, барои солимӣ ва қуввату неруи ӯ нақши муҳим мебозад. Аз ҳамин хотир, имрӯз мо дар бораи мавзӯи хеле муҳим - дар Рамазон чӣ бояд хӯрд ва аз кадом ғизову нӯшокиҳо худдорӣ кардан лозим аст, маъмумот медиҳем.**

### Пурхӯрӣ накунед!

Албатта дили рӯзадор мехоҳад, ки дастурхони ифтораш пур аз хӯрданиҳои бомазза бошад, вале пур кардани мизро бо ҳар хел хӯроку шириниҳо ба шумо маслиҳат намедиҳем. Вақте ки одам рӯзи дароз гуруснаю ташна гашта, шомгоҳон якбора ба миқдори зиёд хӯрок мехӯрад, ҳазм кардани ғизо ба меъдааш душворӣ мекунад.

### Гӯштбирёнро баъди Рамазон хӯред

Дар давраи Рамазон хӯрдани хӯрокҳои бирёнӣ ва серравған, махсусан равғани гов, гӯсфанд ва дигар ҳайвонот маслиҳат дода намешавад. Дилатон бисёр гӯшт мекашида бошад, бо гӯшти гов шӯрбо пазед ё котлети қиммагӣ тайёр кунед ва онро дар бӯғ пухта, рӯйи дастурхон гузоред.

### Ширинӣ боиси ташнагӣ мешавад

Дар давраи Рамазон хӯрдани хӯрокҳои шӯр, тез, тунд ва ширин низ тавсия дода намешавад. Ғизоҳои тезу тунд сатҳи кислотаро дар ҷисми инсон баланд месозанд, хӯрданиҳои шӯр ва торту шириниҳо бошад, боиси ташна мондан мегардад.

### Меваю сабзавоти тару тоза хӯред

Кӯшиш кунед, ки дар моҳи шарифи Рамазон бештар меваю сабзавоти тару тоза истеъмол намоед ва ҷисми худро бо витаминҳо ва дигар моддаҳои муфид таъмин намуда, аз гирифтор гаштан ба ҳар гуна бемориҳо эмин бимонед.

### "Фастфуд" ва хӯрокҳои хамирӣ нахӯред

Дар моҳи шарифи Рамазон аз хӯрдани "Фастфуд" ва хӯрокҳои хамирӣ худдорӣ намудан беҳтар аст. Моҳибирёнро низ тавсия намедиҳем, зеро моҳии шӯр хӯрда, шумо рӯзона сахт ташна мемонед.

### Обҳои газнокро фаромӯш кунед

Дар давраи Рамазон нӯшидани оби тоза, чой ва компот аз хушкмеваҳо муфид мебошад. Тавонед, гиёҳчой нӯшед. Шарбати навчабидаи мева низ фоиданок аст. Нӯшидани обҳои газнок ва қаҳваро ба шумо тавсия намедиҳем.

### Рӯзона каме хоб кунед

Азбаски мардуми мусалмон соатҳои 3-4-и шаб барои саҳархӯрӣ мехезанд, аз хоб сер намешаванд. Барои барқарор намудани қуввату неруи ҷисмонии худ, агар имкон бошад, рӯзона байни соатҳои 13-16 ақаллан 30-40 дақиқа хоб равед. Боқӣ саломат бошед!

# СУМАНАК

## - таоми шифобахш

**СУМАНАК ЯКЕ АЗ ТАОМҲОИ ҚАДИМИИ МАРДУМИ ТОҶИК БУДА, РАМЗИ АСОСИИ НАВРӮЗ МАҲСУБ МЕЁБАД. ДАР БАРОБАРИ ИН, СУМАНАК ТАОМИ ШИФОБАХШ НИЗ МЕБОШАД.**



### Кони витаминҳо

Дар оғози баҳор организми инсон аз норасоии витамин ва микроэлементҳо азият кашида, ба бемории авитаминоз гирифтор мешавад. Сабабаш дар он аст, ки дар давраи зимистон ҷисми мо тамоми захираи худро сарф мекунад. Барои бартараф кардани норасогии витамину минералҳо ба организм хӯрдани суманак бисёр муфид аст. Олимон кайҳо исбот кардаанд, ки дар таркиби майсаи гандум 18 намуди аминокислотаҳо, ҳамчунин витаминҳои C, B1, B2, B3, B5, B6, PP, E, F, ҳамчунин микроэлементҳо ва моддаҳои зиёди минералӣ, аз қабили фосфор, калий, магний, сулфур, калсий, хлор, натрий, манган, рух, молибден ва ғайра мавҷуд мебошад, ки барои организми инсон ниҳоят заруранд.

### Давои узви ҳозима

Сабзаи гандум дар баробари витаминҳои зикргардида ҳамчунин клетчатка, гемотселлюлоза ва пектинҳо дорад, ки коҳиши онҳо дар организм боиси ихтилоли фаъолияти аъзои гувориш (ҳозима) мегардад. Клетчаткае, ки дар таркиби сабзаи гандум мавҷуд аст, барои ҳазми ғизо кумак мерасонад. Пектинҳо ба микрофлораи рӯда таъсир расонида, токсинҳо, холестерин ва кислотаҳои талхаро аз организм хориҷ мекунанд, бинобар ин, онҳо барои муолиҷаи дисбактериоз, атеросклероз ва бемории санги талхадон аҳамияти калон доранд.

### Фарбеҳ бошӣ, суманак хӯр!

Истеъмоли суманак барои рафъи фарбеҳӣ ва пешгирии диабети қанд низ муҳим аст. Дар сурати тез-тез хӯрдани суманак иммунитети одам пурқувват шуда, организм ба таъсироти бемориҳои гуногун тобовар мегардад.

Суманак ба бемориҳои дилу рагҳо, силсилаи устухон, асаб, ғадуди сипаршакл низ даво буда, ҳамчунин экзема ва реши меъдаро шифо мебахшад.

Ба шахсоне, ки биноии чашмонашон суст гаштааст, бештар суманак хӯрданро тавсия медиҳем, зеро он қувваи босираро қавӣ мегардонад. Ин таоми болаззати баҳорӣ ҳамчунин ба сабзиши мӯйи сар мусоидат намуда, хунро тоза мекунад ва ба ҳосил шудани гемоглобин кумак мерасонад.

Бо шарофати моддаҳои гаронбаҳои дар таркибаш мавҷуд буда суманак авитаминоз, камхунӣ ва пирии бармаҳалро пешгирӣ менамояд.

### Суманак - давои саратон?!

Олимон чунин назар доранд, ки суманак бахри пешгирии амрози саратонӣ, фурӯ нишондани фишори хун, аз организм баровардани холестерин, чилавгирии хуручи бемориҳои дил муфид аст. Суманак қувваи организмро зиёд, чашмро равшан, хастагиро бартараф карда, бар зидди бемории саратон мубориза мебарад.

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Дар ин рӯзҳо дар бораи худ ва наздиконатон бадгӯиву ғайбати зиёд мешунавед. Эҳтимол ин кори дасти душманони пинҳониятон аст. Аз робита бо нафароне, ки чизеро аз шумо пинҳон кардан мехоҳанд, дурӣ ҷӯед. Саросема сари қароре омаданро маслиҳат намедиҳем.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Дар ин ҳафта пули зиёдеро сарф мекунед. Аз харидани асбобҳои техникӣ ва либос худдорӣ намоед, харидҳоятон дар ин ҳафта нодаркору нолозим мешаванд. Ба дӯстон қарз додану қарзи додаи худро суроғ карданатон боиси хафагиву ранҷиш мегардад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Дар ин рӯзҳо муносибататон бо ҳамкорон ва наздикон вайрон мегардад. Қабл аз кореро ба анҷом расонидан ба нуктаи назари нафароне, ки ташаббусҳояшонро поймол карданатон имконпазир аст, гӯш андозед. Нисбати нафаре танқидро низ раво набинед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Нафароне, ки мошини шахсӣ доранд, дар ин ҳафта ба қоидаҳои ҳаракати роҳ бештар диққат доданашон лозим аст. Нафарони муҷарраде, ки барои баргузор намудани тӯйи арӯсӣ омодагӣ мебинанд, эҳтимоли бо номзади худ мунокиша карданашон вуҷуд дорад.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Муносибатҳоятон бо нафаре аз дӯстон вайрон мегардад. Барои пешгирӣ намудани чунин ҳолат бо дӯстон корҳои якҷояи молиявӣ накунед. Ҳатто гирифтан ё додани қарз метавонад боиси ранҷиш гардад. Аз миёни дӯстону шиносон ҷустани муҳаббат кори нодуруст аст.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ба нафарони оиладор босабру таҳаммул буданро тавсия медиҳем, ҳар як қадами ҳамсафари ҳаётии худро поида гаштанатон маънӣ надорад. Барои рашку шубҳаву гумони бад сабабе вуҷуд надорад, шумо дӯстдоштаи худро на танҳо меранҷонед, балки гурезон мекунед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Вақти бештари худро барои беҳдошти саломатӣ равона созед. Айни замон масунияти баданатон паст ва хатари хуруҷ намудани бемориҳои илтиҳобӣ зиёд мегардад. Нисбати нафаре танқиду эродро раво набинед, вагарна дучори мунокишаи калон мегардед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Баногаҳ нотоб шудану ҷароҳат бардоштанатон имконпазир аст. Эҳтимоли пасту баландшавии гардиши хун вуҷуд дорад. Дар баробари ин, яку якбора беҳтар шудани вазъи саломатӣ ва болидарухиро эҳсос мекунед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Муносибатҳои оилавиятон душвор мегардад. Бо наздикон забон ёфтан кори осон намешавад. Дар масъалаҳои оддитарин байнатон нофаҳмӣ сар зада, гуногунфикрӣ боиси мунокишаи ҷиддӣ мегардад. Беҳтараш ба мусолиҳа омада, аз пайи рафъ намудани камбудиҳо шавед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Дар ин ҳафта бо нофаҳмиву мунокишаҳои оилавӣ дучор мешавед. Ҳар қадаре ба мақсаду ниятҳои беҳтарин майл намоед, ҳамон андоза ба ғазаби аҳли оила гирифтор мешавед. Барои рафъ намудани нофаҳмиҳо кӯшиши зиёд ба харҷ доданатон лозим меояд.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Барои наздикон маблағи зиёд сарф карданатон лозим меояд. Муҳаббати худро на танҳо бо тухфа, балки бо меҳрубониву ғамхорӣ зоҳир карданатон беҳтар аст. Хусусан нисбати шахси дӯстдошта ва фарзандон мунису ғамхор бошед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Нисбати наздикони худ диққати бештар зоҳир намоед. Дар ташаббусҳоятон аз ҷониби эшон дастгирӣ эҳсос намекунед ва ин чиз боиси нофаҳмӣ мегардад. Хафа нашаведу ҳама чизро ба дил наздик қабул накунед. Аз ҷангу мунокиша худдорӣ намоед.

# АКАДЕМИК АҲРОР МУХТОРОВ

## - поягузори мактаби илмии ғафуровшиносии тоҷик

**Соли равон 100-солагии зодрӯзи муаррихи маъруф, академик Аҳрор Мухторов ҷашн гирифта мешавад. Академик Аҳрор Мухторов поягузори мактаби илмии котибашиносӣ, васиқашиносӣ, истаравшаншиносӣ, ғафуровшиносии тоҷик маҳсуб ёфта, номи ӯ дар радифи машҳуртарин муҳаққиқони рӯзгор ва осори фарзанди фарзонаи тоҷик, аллома Б. Ғафуров қарор дорад.**





Академик Б. Ғафуров ва А. Мухтороврo риштаҳои дӯстӣ, ҳамкории илмиву эҷодии тӯлонӣ, эҳтироми самимии устодиву шогирдӣ пайваст намуда буд. Ӯ оид ба зиндагии начибу ибратбахш, фаъолияти гуногунҷабҳаи илмӣ, ҳизбию сиёсӣ, давлативу ҷамъиятии аллома Б. Ғафуров як силсила тадқиқот, рисолаҳо, китобҳои илмӣ-оммавӣ, ёддоштҳо ва мақолаҳои сершумори илмӣ, илмӣ-оммавии пурарзиш эҷод намуда, поя ва заминаи мустаҳками равияи ғафуровшиносии илмии тоҷикро асос гузошт.

Соли 1972 дар нашриёти “Наука”-и Маскав шоҳасари безаволи аллома Б. Ғафуров “Тоҷикон” ба забони русӣ аз нашр баромад ва дар байни аҳли илм шуҳрати беандоза пайдо намуд. Ба ин асар муаррихон ва ховаршиносони маъруфи шӯравӣ ва хориҷӣ, аз қабили академикҳои номвар А. П. Окладников, Б. Б. Пиотровский, М. А. Коростовсев, С. Л. Утченко, донишмандони хориҷӣ Р. Фрай, И. Бечка ва дигарон тақриз навишта, ба он баҳои баланд доданд.

Дар ин радиф соли 1973 тақризи донишмандони таърих ва фарҳанги тоҷикон, олимони маъруфи ҷумҳурӣ Б. Искандаров, А. Мухторов, В. Ранов низ бо номи “Асари барҷастаи таърихи халқи тоҷик” нашр гардид ва соли 1974 он бо номи “Народ и история” ба забони русӣ дар маҷаллаи “Помир” ба чоп расид.

Яке аз аввалин тадқиқотҳои муҳим ва нисбатан мукаммалу фарогири маълумоти муҳим доир ба зиндагиномаи академик Б. Ғафуров ва мероси илмии ӯ резарисолаҳо (брошюраҳо)-и А. Мухторов “Академик Ғафуров Бобоҷон Ғафурович” мебошад, ки соли 1979 бахшида ба ҷашни 70-солагии зодрӯзи аллома Б. Ғафуров ба ду забон - тоҷикӣ ва русӣ аз нашр баромад.

Рисолаи мазкур ба тасвири ҳаёт ва фаъолияти ховаршиноси барҷаста, арбоби намоёни ҳизбию давлатӣ, ҷамъиятӣ академик Б. Ғафуров бахшида шудааст.

Пас аз тасвири мухтасари шарҳи ҳол дар асар пажӯҳиш ва инъикоси фаъолияти серсоҳа ва доманадори давлатӣ, ҳизбӣ, илмии Б. Ғафуров дар Тоҷикистон ва сипас дар мақоми сарвари бузургтарин маркази ховаршиносии ҷаҳонӣ - Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ ИҶШС дар Маскав (1956-1977) шурӯъ мегардад. Муаллифи рисола ба нақшу мақоми академик Б. Ғафуров дар рушду нумуи илми ховаршиносии шӯравӣ, саҳми бузурги ӯ дар таҳким ва вусъати равобити байналхалқии ховаршиносони шӯравӣ, саҳми бузурги ӯ дар таҳким ва вусъати равобити байналхалқии ховаршиносони шӯравӣ бо олимони хориҷӣ, махсусан саҳми Б. Ғафуров дар татбиқи лоиҳаи илмии ЮНЕСКО ба сифати раиси Комиссияи шӯравии лоиҳаи ЮНЕСКО - “Шарқ- Ғарб” ва раиси Анҷумани байналхалқӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар амалӣ гаштани лоиҳаи ЮНЕСКО - “Омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ” таваҷҷуҳи хоса додааст.

Худи ҳамон сол ду мақолаи ҷашнии академик А. Мухторов таҳти унвони “Академик Бободжан Гафурович Гафуров - историк - востоковед: (К 70-летию дня рождения)” дар маҷаллаи илмии “Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон” ва “Олими барҷаста ва ходими намоёни ҷамъиятӣ: (Ба муносибати 70-солагии рӯзи таваллуди академик Бобоҷон Ғафуров)” дар маҷаллаи сиёсӣ-ҷамъиятии “Коммунисти Тоҷикистон” нашр гардид.

Соли 1983 дар нашриёти “Ирфон”-и шаҳри Душанбе китоби академик А. Мухторов бо ҳамкаламии шогирдаш Ш. Шарифов бо номи “Академик Бободжан Гафуров” бо забони русӣ аз нашр баромад.

Дар рисола марҳилаҳои асосии хаёт ва фаъолият, инъикоси таърихи иншо ва таҳлилу тасвири аҳамияти илмии шоҳасари безаволи аллома Б. Ғафуров - “Тоҷикон”, тадқиқоти муҳташами ӯ бо ҳамкаламии муаррихи юнонитабор Д. И. Сибукидис (Цибукидис) “Александер Македонский и Восток”, симои Б. Ғафуров дар адабиёти бадеӣ, шуҳрати олими тоҷик дар кишварҳои хориҷӣ, поси хотири Б. Ғафуров дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, барқияҳои гуногун ба муносибати 70-солагии зодрӯзи аллома аз номи ховаршиносони маъруф ва марказҳои гуногуни илмӣ ба Душанбе ирсол шудаанд.

Соли 1988 ин китоб дар Душанбе ба хуруфоти арабӣ ба забони дарӣ нашр гардид. Соли 1989 бошад, ба истиқболи ҷашни 80-солагии аллома Б. Ғафуров ин рисола бо тағйиру такмил бо забони тоҷикӣ нашр шуд. Дар “Мулҳақот”-и китоб шеърҳои ба китоби “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров бахшидаи шоирони тоҷик Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Саидалӣ Маъмур, Меҳмон Бахтӣ ва шеъри шоира Аида Гуналӣ дар тарҷумаи Раҳмат Нарзӣ оварда шудааст.

Соли 1988 дар ҷилди 8-уми “Энсиклопедияи советии тоҷик” мақолаи А. Мухторов бо номи “Ғафуров Бобоҷон Ғафурович” нашр гардид, ки дар он сухан дар бораи марҳилаҳои асосии ҳаёт ва фаъолият ва осори илмии аллома Б. Ғафуров меравад.

Соли 1998 ба истиқболи ҷашни 90-солагии аллома Б. Ғафуров асари дигари академик А. Мухторов таҳти унвони “Академик Бобоҷон Ғафуров” ба нашр расид, ки он дар баробари таҳқиқот, хотираҳои А. Мухторов аз мулоқотҳояш бо Б. Ғафуровро низ фаро гирифтааст.

Дар қатори тадқиқот, рисолаҳои пурарзиши илмӣ академик А. Мухторов доир ба рӯзгор ва осори аллома Б. Ғафуров дар солҳои гуногун мақолаҳои зиёд, аз ҷумла “Машъалдори маърифат” (1984), “Қадамҳои бузурги “Тоҷикон” (1987), “Бузургдошти номбардори миллат” (1990), “Он дӯстию дӯстдорон ёд бод!” (1996), “Обрӯю эътибори Бобоҷон Ғафуров” (1997), “Номаҳо оид ба обрӯю эътибори Бобоҷон Ғафуров” (1998), “Судьба научного наследия Бободжана Гафурова” (1998), “Бунёдгузори таърихи халқи тоҷик” (1998), “Акдмик Бобоҷон Ғафуров - таърихи тоҷикон дар ойинаи тамаддуни ҷаҳон” (1998), “Е. М. Примаков о Гафурове” (1999) ва ғайраҳо ба чоп расонидааст, ки дар онҳо оид ба ҳаёт ва корномаи илмии Б. Ғафуров маълумотҳои ҷолиб овардааст.

Умуман, таълифи сершумор ва пурарзиши академик А. Мухторов бахшида ба рӯзгор ва осори илмии аллома Б. Ғафуров саҳми бузурги ин олими забардаст ва номвари тоҷик, номбардори сазовору фарзанди бузурги миллати тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуров дар равияи ғафуровшиносӣ мебошад.

**Шавкат ШАРИФОВ,**
**Парвиз ШАРИФОВ,**
**устодони ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

## МАВЛУДНОМА

**• 21 МАРТ •**

**Абдураҳмон Қодиров** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия.

**Гул Шарифов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Файзулло Каримов** (1959), 65-солагии зодрӯзи раққос ва балетмейстер.

**• 22 МАРТ •**

**Муҳиддин Аминзода** (1904-1965), 120-солагии зодрӯзи шоир, драматург, тарҷумон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Ҳомид Носиров** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Бахтиёр Рабиев** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**• 23 МАРТ •**

**Ҳомид Ёқубов** (1934-1989), 90-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

**Искандар Мирзоев** (1934), 90-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Тоҳирҷон Шодиев** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Сайфулло Шукруллоев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**• 24 МАРТ •**

**Ардашер Каримов** (1934-1996), 90-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Ҳалимахон Шарифова** (1924), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**• 25 МАРТ •**

**Шодӣ Амонов** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Абдувалӣ Комилов** (1954), 70-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, меъмор-сохтмончӣ.

**Людмила Кравсова** (1939), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Шаҳобиддин Ҳақназаров** (1954), 70-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Неъматулло Ҷӯраев** (1954), 70-солагии зодрӯзи забоншинос.

**• 26 МАРТ •**

**Искандар Асадуллоев** (1949), 75-солагии золрӯзи доктори илми фалсафа.

**Нинел Глебова** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Евгений Забиякин** (1909-1991), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 27 МАРТ •**

**Шамсиддини Шоҳин** (1859-1894), 165-солагии зодрӯзи шоир.

**Елизавета Крилова** (1899-1978), 125-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Роза Муллоҷонова** (1944), 80-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**• 28 МАРТ •**

Суннатуллои Абдулло (1954),70-солагии зодрӯзи нависанда.

Рустам Бобоҷонов (1954),70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**• 29 МАРТ •**

Владимир Бунэ (1914-1985), 110-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю матиматика.

Абдулҳай Қаландар (1944), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**• 30 МАРТ •**

**Эдуард Дмитриев** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими геология.

**Хайриниссо Юсуфӣ (Мавлонова)** (1964), 60-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ.

**• 31 МАРТ •**

**Аблуҳамид Маҷидов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Султон Наврӯзов** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

**• 1 АПРЕЛ •**

**Фаина Абдураҳмонова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Неъмат Бозоров** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Ибодулло Машрабов** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**• 2 АПРЕЛ •**

**Каримҷон Бурҳонов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Тағоймуроди Хушвахт** (1949-2002), 75-солагии зодрӯзи

**Ҳофизи халқии То**ҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ.

**Сабоҳат Ҳомидова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**• 3 АПРЕЛ •**

**Саттор Байзоев** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Бахшибек Гадоев (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Хулкар Юсуфов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналисти руснигори тоҷик.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

**► 4-ҲУҶРАГӢ**

► Хонаи 4-ҳуҷрагӣ дар ноҳияи Сино, бинои 6-ошёна аз хишти пухта, ошёнаи 3, воқеъ дар 33 микрорайон, ошхона, 2 ҳаммомхона ва 5 балкони гармкардашуда. Масоҳати умумии хона 112 м.кв. Хона таъмири замонавӣ, мебел ва ҳама намуди техникаи маиширо дорад. Тирезаҳои хона ПВХ. Арзиши хона 75 000$ бо пули миллӣ. Арзон намешавад. Беҳуда занг назанед. Телефонҳо барои тамос: 901222456 ва 909210001

**► 2-ҲУҶРАГӢ**

► Фаврӣ! Хонаи 2-ҳуҷрагӣ, ошхона, ҳаммом, сауна, бассейн, ҳоҷатхона. Инчунин, пойдевори омода барои бунёди хонаи 2-ошёна мавҷуд аст. Дохили пойдевор бо сангҳои хушсифат пур карда шудааст. Дарвоза 5 метр, ҳудуд 10 сотих. Инчунин, дар ҳавлии хона масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд аст, ки ба арзиши хона дохил мешаванд. Хона 1 км аз роҳи асосӣ ҷойгир аст, дар наздаш мактаб, мағозаҳо ва масҷид ҷойгиранд. Арзиши хона 450 000 сомонӣ. Тел.: 559-07-95-95

## НИЁЗ ДОРЕМ

► Маҷмааи сайёҳии «Чилдухтарон» хоҳишмандонро ба ҳайси ошпаз, пешхизмат, шашликпаз, администратор барои меҳмонхона, донандаи забонҳои русӣ ва англисӣ ба кор даъват менамояд. Музди меҳнат шартномавӣ. Суроға: ноҳияи Муъминобод, деҳаи Чилдухтарон, рақами телефон барои тамос: 980-33-03-03

► ЧДММ "Дуоб-Р" технологи соҳаи коркарди ширро ба кор даъват менамояд. Музди меҳнат шартномавӣ. Суроға: вилояти Хатлон, ноҳияи Муъминобод, деҳаи Заркамар. Тел.: 980-33-03-03

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникии бӯстонсарой ба номи ЧДММ "Панҷрӯд", ки дар 23 кв., шоҳроҳи Душанбе-Чанок воқеъ аст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Кобец Зинаида Алексеевна, ш. Душанбе, н. Сино 1, к. Борбад 105, кв. 33, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Сайфуллоев Исматулло, н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, д. Шайнаки Чинор, хонаи 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1159579 ба номи Холиқов Муҳаммадҷон Рустамович, соли хатм 2023, муассисаи давлатии литсейи №5-и н. И. Сомонӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Одинаев Давлат Асоевич, ш. Душанбе, н. Сино, к. Шамсӣ 24, хонаи 68, соли 2015, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 25.03.2016, таҳти феҳрасти №1Ш-441 ба Тағайназаров Меҳрдод Сайвалиевич ва Тағайназарова Фароҳноз Сайвалиевна нисбат ба квартира, воқеъ дар ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, 3-юм гузаргоҳи к. Н. Қарабоев, бинои 13, хонаҳои 15 ва 16 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ, ки аз тарафи ХШБ ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 18-уми апрели соли 2016 ба Тағайназаров Меҳрдод Сайвалиевич ва Тағайназарова Фароҳноз Сайвалиевна нисбат ба квартираҳо, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, 3-юм гузаргоҳи кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 13, хонаҳои 15 ва 16 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки аз тарафи КФД "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар шаҳри Душанбе ба Тағайназаров Меҳрдод Сайвалиевич ва Тағайназарова Фароҳноз Сайвалиевна нисбат ба квартираҳо, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, 3-юм гузаргоҳи кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 13, хонаҳои 15 ва 16 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти 1Ш-436 аз 02.05.2007, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Октябри ш. Душанбе (ҳозира н. И. Сомонӣ) ба номи Останаева Парвин Муртазоевна, хона воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, хонаи 21, квартираи 29, ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии нуқтаи савдо ба номи Саидов Умедҷон Муҳабатович, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. А. Дониш, бинои 5/2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДХМ №0001917, рақами қайд №725, ба номи Тавашаров Бекзад, соли 2017, ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос аз протоколи №6, аз 31.04.2005, ЖСК-72, ба номи Аминов Хуҷамурод, ш. Душанбе, н. Сино, к. Зарафшон 1, М-11, дом 4, кв. 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №52 дар шаҳри Турсунзода, ки аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст , бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Муҳамадиев Зафарҷон, РМА:165487430, РЯМ: 0730138200, санаи таъсисёбӣ 15.08.2016, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Чумаев Санчарбек Чориевич, РМА: 076190521, РЯМ: 0730192467, санаи таъсисёбӣ 19.07.2019, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот таҳти феҳрасти 25С-4 аз 11.01.2021, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Ҷураев Шамсулло Сайфулоевич, хона воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 2, квартираи 65, ба расмияд дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0073989 ба номи Арзимуродов Баходур Файзимуродович, санаи хатм 14.06.2007, МТМУ №40-и н. Фирдавсӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1167449 ба номи Мирзошарипов Муҳаммад Саидҷафарович, санаи хатм 21.06.2023, МТМУ №40-и н. Фирдавсӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 А №621905 ба номи Мустафаев Халимджон Магамаджонович, санаи хатм 12.06.1991, МТМУ №40-и н. Фирдавсӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1033701, ба номи Махмудов Шахром Исломудинович, соли таҳсил 2021-2022, МТМУ №54-и н. Сино, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми ошёнаи пойдевор таҳти феҳристи №1-8117 аз 15-уми ноябри соли 2023, ба номи шаҳрванд Мансуров Каримҷон Салиҷонович, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қуштеппа 3 (собиқ н. Рудакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи Қуштеппа), ки аз тарафи нотариуси калони давлатии Идораи нотириалии давлатии н. Фирдавсӣ ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Муродов Муродали Раҳматуллоевич, РМА: 045973747, РЯМ: 0430139536, 30.04.2013, ки аз тарафи Нозироти андози н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Сафарова Фарида Сайдахмадовна, №0472000, РЯМ: 0331452963, РМА: 155545924, санаи судур 10.05.2022, ки аз тарафи Нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Муродов Файзали Ҳукматович, РЯМ: 0430144028, РМА: 245045430, санаи 04.06.2013, ки аз тарафи Нозироти андози н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №19 ба номи Ниёзов Раҳмонбек Давлатбекович, соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи А02025019 ба номи Ниёзов Раҳмонбек Давлатбекович, ки 19.06.2019 аз тарафи ШВКД ш. Ваҳдат дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши нуқтаи хизматрасонии техникӣ таҳти феҳрасти №3ДШ-32 аз 11-уми марти соли 2005, ба номи Саидова Назри, ш. Душанбе, к. Автотрасса, дар 10 км шоҳроҳи Ваҳдат, ки аз тарафи Саридораи давлатии нотариалии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-1833 аз 09.12.2015, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Турсунов Маҳмадалӣ Саидмирзоевич, хона воқеъ дар н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, деҳаи Маърифат ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Боймерзоев Нематҷон, РЯМ: 0730096942, РМА: 075900650, санаи таъсисёбӣ 21.06.2017, аз сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ЧДММ "Ҳамза Сохтмон", РЯМ: 0710011161, РМА: 070018205, аз 02.08.2022, дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ЧДММ "Дирафш", РЯМ: 0710010749, РМА: 070017735, аз 04.03.2021, дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Эркин-97", РЯМ: 0710000207, РМА: 070001685, аз 07.10.2009, дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ЧДММ "Маҳмудҷони Ҷамшед", РЯМ: 0710011390, РМА: 070018441, аз 19.09.2022, дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

► Намояндагии ЧДММ "Мистер Бал", №0267826, РЯМ: 0320000414, РМА: 030033915, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид**
**United Nations Development Programme**

Программа Развития Организации Объединенных Наций (ПРООН) ведет свою деятельность в Таджикистане с 1994 года и представляет собой широкий спектр деятельности, в том числе по сокращению бедности, демократическому управлению, предупреждению кризиса, энергетики и окружающей среде, и снижению бремени ВИЧ/СПИД, ТБ и Малярии.

**ПРИГЛАШЕНИЕ НА ТЕНДЕР**

ПРООН в Таджикистане объявляет следующие тендеры:

- **UNDP-TJK-00276 - Renovation of Youth Facilities (Creative Corners) in 6 target areas/ Ремонт молодежных помещений (креативных уголков) в 6 целевых районах** - Крайний срок подачи предложений– **11 апреля 2024 г. до 12:00 часов (местного времени).**

Для получения информации и документации по вышеуказанным тендерным объявлениям, а также по другим возможностям сотрудничества с ПРООН в Таджикистане, пожалуйста, посетите наш веб-сайт https://www.undp.org/tajikistan раздел **Procurement**. В случае возникновения вопросов, касающихся тендеров, проводимых ПРООН Таджикистан, адрес электронной почты приведен ниже.

**Контактные данные:** Адрес: 734024, г. Душанбе, Таджикистан, ул. Айни 39
Тел: +992 (44) 6005596/97, 6005600/01; Эл.почта: procurement.tj@undp.org

# ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

## мутахассисони сатҳи байналмилалӣ омода мекунад




**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 1990 таъсис ёфта, аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар - саноати сабук ва хӯрокворӣ мутахассисони маълумоти олӣ доштаро, ки то даврони Истиқлол дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, таъмин намуд. Дар тӯли фаъолият барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 18000 нафар мутахассисони рақобатпазирро тайёр намудааст ва ҳоло онҳо дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар фаъолият бурда истодаанд.**

Донишгоҳ барои ташкили босамари ҷараёни таълим ва дар сатҳи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои потенсиали баланди илмӣ-педагогӣ, пойгоҳи васеи моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхонаҳо бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ зиёда аз 940 компютерҳо ва 24 синфхонаҳои компютерӣ, зиёда аз 33 озмоишгоҳҳои тахассусӣ мавриди истифода қарор доранд. Донишгоҳ бо хати оптикӣ ба шабакаи Интернет пайваст мебошад. Мавҷудияти академияи маҳаллии Cisco имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар курсҳои сертификатсионии Cisco иштирок намоянд ва соҳиби сетртификати дараҷаи байналмилалии мутахассиси ин ширкат гарданд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳанд, ки мутахассисон баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат тайёр бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб карда мешаванд.

Донишҷӯён метавонанд дар Марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн иштирок намуда, маҳорати касбии худро сайқал диҳанд. Донишҷӯёни дилхоҳ факултетҳо дар ин марказҳои ҳунаромӯзӣ иштирок намуда, нозукиҳои дӯхтани либос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар арғумонҳоро аз худ мекунанд. Инчунин, дар донишгоҳ аз рӯйи 21 ихтисос курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ-сертификатсионӣ амал менамоянд.

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 138 таълимгоҳҳои олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда, аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд. Ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки онҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои дар хориҷи кишвар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намудан имкониятҳои васеъро фароҳам меоранд. Дар назди ДТТ фаъолият намудани Маркази Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва саворaҳои беодамро аз худ намоянд. Дар маркази мазкур се нафар устодони варзида аз Кореяи Ҷанубӣ дарс меомӯзонанд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси ҳамкориҳо бо таълимгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Беларус, созишномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Полотск ба имзо расонид, ки дар заминаи он Факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар асоси низомномаи факултет дар назар дошта шудааст, ки донишҷӯён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, имконияти давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларусро доранд.

Донишгоҳ аз рӯйи 45 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 36 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 8 самти илмӣ докторантура, аз рӯи ихтисоси PhD мутахассис тайёр мекунад. Бо қарори Шӯрои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 28-уми феврали соли 2020, №49 ду барномаи таълимии донишгоҳ ба мӯҳлати 5 сол ва барои як барномаи таълимӣ ба мӯҳлати 3 сол, инчунин тибқи қарори Шӯрои мазкур аз 26-уми январи соли 2024, №81 ду барномаи дигари таълимӣ ба мӯҳлати 5 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

Шуруъ аз соли таҳсили 2022-2023 дар донишгоҳ ихтисоси нав - интеллекти сунъӣ таъсис дода шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамояд.

Соли 2022 дар донишгоҳ Маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингофонӣ кори худро ифтитоҳ бахшид, ки дар он курсҳои забономӯзии куриёгӣ бо ҷалби устодон аз Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд.

Дар раванди автоматикунонии фаъолияти донишгоҳ дар китобхона барномаи ба таври автоматӣ ба ҳисобгирии захираи китобҳо, дархости автоматии китобҳо ба роҳ монда шуда, инчунин китобхонаи электронии донишгоҳ бо истифода аз 30 адад компютер ташкил карда шудааст. Инчунин як толори ташкили онлайн-дарсҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки бо ҷалби олимони донишгоҳҳои хориҷи кишвар дарсҳо гузаронида мешаванд.

| | ИХТИСОСҲО ВА ТАХАССУСҲО | Шакли таҳсил | Маблағи таҳсил, сомонӣ | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| **ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ - ТЕХНОЛОГӢ** | | | | |
| 154010105 | Метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрокворӣ) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1360901 | Мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ:<br>1-49 01 01 02 Технологияи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ ва консентратҳои ғизоӣ,<br>1-49 01 01 03 Технологияи консервкунонӣ,<br>1-49 01 01 04 Технологияи истеҳсоли маҳсулоти туршшаванда ва шароббарорӣ,<br>1 -49 01 01 06 Технологияи равғани растанӣ,<br>1-49 01 01 08 Технологияи ғизои функсионалӣ ва кӯдакона | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-910101 | Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН** | | | | |
| 1-1901010202 | Дизайни интерер | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-19010105 | Дизайн (костюм ва газвор) | Рӯзона | 5280 | 3 |
| 1-50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 1-50 01 01 08 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти наххои табиӣ | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-500102 | Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | Рӯзона | 4470 | 1 |
| 154010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ** | | | | |
| 1-40010101 | Системаҳои компютерӣ ва интернет -технологияҳо | Рӯзона | 5280 | 1 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1-40010102 | Системаҳои автоматикунонидашуда | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010103 | Системаҳои компютерии бонкӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 04 | Системаҳои таъмини бехатарии маълумот | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 07 | Таъмини математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматонӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40 01 01 08 | Муҳандисии барномавӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1-40 03 01 | Интеллекти сунъӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ** | | | | |
| 1-0801010701 | Таълимоти касбӣ (информатика) | Рӯзона | 4650 | 1 |
| 1-08010110(01) | Таълимоти касбӣ (дизайн) | Рӯзона | 4470 | 3 |
| 1-450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | Рӯзона | 5280 | 1 |
| **ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА МОЛИЯ** | | | | |
| 1-25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1-25010107 | Идораи лоиҳаҳо | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес | Рӯзона | 5280 | 1 |
| 1-25010805 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | Рӯзона | 5280 | 2 |
| **ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | |
| 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1-26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| 1-26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| 1-26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | Рӯзона | 5280 | 2 |
| | | Фосилавӣ - ғоибона | 4100 | |
| **ФАКУЛТЕТИ МУШТАРАКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛОТСКИ ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС ВА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН *** | | | | |
| 1-360701 * | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти кимиёвӣ ва корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ | Рӯзона | 5300 | 1 |
| 1-700501 * | Лоиҳакашӣ, иншоот ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт | Рӯзона | 5300 | 1 |

** - донишҷӯён ду соли аввалро дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва се соли боқимондаи таҳсилро дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус идома медиҳанд.*

**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ! ХОҲИШМАНДЕМ, ҲАНГОМИ ИНТИХОБИ ИХТИСОСҲО БА ТАЪЛИМГОҲҲОИ ОЛӢ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОНРО ДАР ҶОЙИ АВВАЛ ГУЗОРЕД.**

**СУРОҒАИ МО:** *ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 63/3*
**ТЕЛ.:** *(+992 37) 234-79-88 / 234-79-90*
**СУРОҒАИ ЭЛЕКТРОНӢ:** *Rectorat-tut@mail.ru*
**САҲИФАИ ИНТЕРНЕТ:** *http//www.tut.tj*



### Тормоз

Эҷодкори ҷавоне дар ҷаласаи адибон аз минбар эътироз баён мекунад:

- Шумо ба нигоштаҳои ман бахилӣ мекунед, ҳол он ки, дар адабиёт ҳар як эҷодкор вазифаҳои алоҳидаро иҷро мекунад. Масалан, агар адабиёт автомобил бошад, мо - адибон қисмҳои гуногуни он ҳастем...

Яке аз адибон сухани ӯро бурида:

- Дар ин сурат, шумо тормози автомобил ҳастед!

### Паёмак

Зану шавҳар дар ҷойгаҳи хобанд. Аз телефони шавҳар садои паёмак баланд мешавад. Зан мегӯяд:

- Бин, кадоме бароят паёмак фиристод.

Шавҳар:

- Аҳамият надеҳ, аз ширкат будагист...

Зан тоқат накарда, телефонро мегираду паёмакро хонда, телефонро ба шавҳараш дароз карда, мегӯяд:

- Ширкат туро бисёр ёд кардааст. Мегӯяд, ки пагоҳ саҳарӣ дар наздикии ҷойи корат интизор мешавад...

### Хоби мард

Марде ба ҷӯрааш мегӯяд:

- Ҳамин шаб хоби нағз дидам.

- Канӣ шунавем.

- Хоб бинам, рӯзи таваллудам будааст. Ҳама тухфа тақдим мекардаанд. Ту бошӣ, қарзи ба ман додаатро ҳадя кардаӣ.

Ҷӯрааш дар ҷавоб:

- Бовар накун, хоби мард ҳамеша чаппа, ошно!

### Гарданбанд

Писар ба падараш:

- Дада, пагоҳ 23-юми феврал, иди шумо аст!

Падар дар ҷавоб:

- Тухфаи беҳтарин барои ман баҳои хубу аълои ту мешавад, писарам!

Писар мегӯяд:

- Дер шуд, дада! Ман алакай бароят гарданбанд харидам...

### Дандон

- Шумо чӣ кор карда истодаед, духтур?! Дандони дардмандамро кандан даркор буд, шумо сиҳаташро кандед.

- Ором бошед, бемор, ором... Ман аз як сар рафта истодаам, ҳоло ба дардмандаш ҳам навбат мерасад...

### Туҳфа

Зан ба шавҳар:

-Мардак, рӯзи 8 март ба ман чӣ туҳфа мекунӣ?

-Ҳеҷ чиз.

-Ақаллан бигӯ, ки маро дӯст медорӣ.

Мард:

-Инро рӯзи 1 апрел мегӯям...

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

### Ягонто намеёбам...

Баъди ҷашни матбуот ҳамроҳи Маҳмадалӣ Мақсадулло ва Зоҳири Сайфулло ба таксие нишаста, ба самти Гулистон раҳсипор шудем. Дар роҳ вақте сухан аз дузанагӣ рафт, ман бо ҳазл аз ронанда пурсидам:

- Ту ҳам 2 зан дорӣ?

Хандиду гуфт:

- Ягонто намеёбам, ки ҳамин якумашро ҳам диҳам, ту бошӣ, аз зани дуюм мепурсӣ.

### Таҳрир не, таҳқир

Аз устоде пурсидам:

- Дар журналистика чанд намуди таҳрир вуҷуд дорад?

Гуфт:

- Дар ҷодаи журналистика, дар замони мо асосан аз ду намуди таҳрир истифода мебаранд: таҳрири матнӣ ва таҳрири мағзӣ. Таҳрири матнӣ таҳрирест, ки маводи навишташударо аз ҷиҳати имлоӣ тафтиш ва иштибоҳҳои онро ислоҳ мекунанд. Таҳрири мағзӣ таҳрирест, ки асосан пеш аз навиштани мавод анҷом дода мешавад ва бештар ба тағйир додани ҳадафи рӯзноманигор нигаронида шудааст. Натиҷа чунин мешавад, ки рӯзноманигор агар кӯҳ навиштанӣ шавад, ҳатман коҳ менависад.

Хандидаму гуфтам:

- Дуюмаш таҳрир не, таҳқир будааст ку!

### Даромадро пулакӣ кунам чӣ?

*(Аз шӯхиҳои марҳум Акбаралӣ Сатторов - раиси Иттифоқи журналистон)*

Даромади нашрияҳо кам шуд. Додани маош торафт мушкил мешуд ва зарур омад, ки кормандонро ихтисор кунам. Ҳарчанд фикр кардам, тасмим гирифта натавонистам, ки киро ба рӯйхати ихтисоршудаҳо ворид кунам. Ин аст, ки ҳамаро ҷамъ карда, вазъиятро фаҳмонидам ва маоши ҳамаро кам кардам. Ду-се моҳ ҳамин тавр давом кард.

Новобаста ба маоши кам касе аз кор нарафт. Маошро боз ҳам камтар кардам, боз ҳамон аҳвол. Эълон кардам, ки маошдиҳиро бас мекунам, вале боз дидам, ки ҳама ба кор омада истодаанд. Хандидаму гуфтам:

- Назди дар истода, даромадро пулакӣ кунам чӣ?

### ... Бас кардам

*(Аз нақли рӯзноманигор Садриддини Шамсиддин)*

Дар маҳфиле бо дӯсте дучор омадам, ки дӯстдори шароб буд. Баъд аз салом гуфт:

- Дар рӯзнома хондам, ки арақ ба ҳама аъзои бадан зарар доштааст. Шушро бемору шахсро мубталои захми меъда карда, ҷигарро аз кор мебаровардааст. Бо гузашти вақт инсонро ҳатто фаромӯшхотир мекардааст.

- Баъд чӣ кор кардед? Арақнӯширо бас кардед?,- пурсидам бо кунҷковӣ.

Бо табассум гуфт:

- Газетахониро бас кардам.



**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

### Сканворд

